**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ 371(575.3).**
**ТКБ 74.204(2 тоҷик)**
**Д-14**

**ДАВЛАТЗОДА ФАРЗОНА ИБРОҲИМ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ ВА ОИЛА

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси ихтисоси 5.3.2.Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)**

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек** - доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Муассисаи пешбар** **МДТ “Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”**

Ҳимояи диссертатсия санаи «29» октябри соли 2026, соати 15:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 55 999 31 20) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (https://shurodis.prmatt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «25» сентябри соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, ни.п., дотсент** **Ш. Котибова**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқати иҷтимоии инсон, яъне қобилияти муваффақона мутобиқ шудан ба шароити нави иҷтимоӣ ва бевосита ба дигаргуниҳои доимии ҷомеа вобаста аст. Дарки раванди ҷомеа, дастгирӣ ва иштироки фаъолона дар он муҳимтарин вазифаи тарбия буда, ба инкишофи шахсият алоқаманд аст. Зимни пешниҳоди вазифаҳои нав дар раванди тарбия онро бояд дар мадди назар дошт, ки дар ташаккули шахсият муҳити оила мақоми аввалиндараҷа доранд.

Мақсади ҳамкории МТТ ва оила фароҳам овардани шароит барои иҷтимоикунонӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии кӯдак мебошад. МТТ ва оила фазои заруриро барои рушди иҷтимоӣ таъмин мекунад. Дар суханрониҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: «Дар татбиқи талаботи сиёсати иҷтимоию фарҳангии давлати Тоҷикистон се омили асосӣ - ҷомеа, мактаб ва оила бояд дар ҳамбастагии зич фаъол бошанд, то ки насли наврасу ҷавони кишвар дар руҳияи ватандӯсӣ, хештаншиносии миллӣ ва таҳаммулу мадоро тарбия ёбанд»[4, с. 15].

Қобили зикр аст, ки инкишофи шахсият дар зинаи таҳсилоти томактабӣ, махсусан давраи аз синну соли аз 3 то 11 сола дар ташаккули кӯдак муҳим ҳисобида мешавад. Дар Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидааст, ки «Таҳсилоти томактабӣ ба пешниҳод намудани хизматрасонӣ барои рушди кӯдак равона шуда, барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба ҳисоб меравад»[5, с.17].

Маҳз дар ҳамин давра асосҳои салоҳияти иҷтимоӣ гузошта мешаванд, ки ба кӯдак имкон медиҳанд, ки бомуваффақият бо дигарон муошират кунад, ҳиссиёти худро идора кунад, мушкилотро ҳал намояд ва дар маҷмуъ, ба ҳаёти иҷтимоӣ ворид шавад. Дар солҳои аввали ҳаёт кӯдак, тадриҷан меъёрҳои иҷтимоӣ, яъне қоидаҳои рафтореро, ки дар ҷомеа қабул шудаанд, омӯхта, аз худ мекунад. Ин раванд ба инсон имкон медиҳад, ки худро ҳамчун як субъекти фаъолият дарк кунад, яъне ҳамчун шахсе, ки қодир аст дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона иштирок кунад ва ба он таъсир расонад. Дар ин маврид академик Ф.Шарифзода чунин қайд мекунанд: «Арзишҳои иҷтимоӣ–педагогӣ хусусият ва муҳтавои арзишҳоеро инъикос менамоянд, ки дар низомҳои мухталифи ҷамъиятӣ амал мекунанд ва дар шуури ҷамъиятӣ дар шакли ахлоқ, дин, фалсафа зоҳир мегарданд. Ин ғояҳо, тасаввурот, қоидаҳое мебошанд, ки фаъолияти тарбиявӣ ва муоширатро дар чаҳорчӯби ҷамъият ба низом медароранд»[ 32, с.243].

Таҳқиқоти Л.С. Виготский ва дигар намояндагони илми равоншиносӣ тасдиқ мекунанд, ки «маҳз дар ҳамин давра заминаҳои асосии рушди шахсӣ ва иҷтимоии кӯдак, инчунин пояҳои қобилияти ояндаи ӯ барои ҳамкорӣ, худтанзимкунӣ ва муоширати созанда ташаккул меёбанд» [6, с. 243].

Тавре қайд намудем, иҷтимосозии ибтидоӣ, ки раванди асосии азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ дар кӯдакӣ мебошад, асосан дар МТТ ва оила оғоз гардида, дар МТТ идома меёбад. МТТ ва оила ва муассисаҳои таълимӣ

масъулияти асосиро барои тарбияи насли наврас ба дӯш доранд, зеро маҳз онҳо ба кӯдакон арзишҳо, донишҳо ва малакаҳоеро медиҳанд, ки барои ҳаёти муваффақона дар ҷомеа заруранд. Дар ин маврид қайд мегардад, ки кӯдакони синни томактабӣ қобилияти ба осонӣ таваҷҷуҳро аз як объект ба объекти дигар иваз мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, ҷаҳони атрофро омӯзанд. Оҳиста-оҳиста кӯдак шахсияти худро ва ҷудо будани худро аз ҷаҳони беруна дарк мекунад. Ӯ мефаҳмад, ки ӯ аз дигарон фарқ мекунад ва дорои хусусиятҳои беназири худ аст. Ин эътироф ба шарофати ба даст овардани таҷрибаи иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, амалҳои гуногун ва тарзи рафтори азхудкардашуда ба амал меояд.

Дар асоси ақидаҳои дар боло зикршуда метавон қайд кард, ки рушди бомуваффақияти иҷтимоии кӯдак тавассути фаъолияти муътадил бо оила ва МТТ сурат мегирад. Мавриди баррасии мавзӯи таҳқиқшаванда муайян гардид, ки бисёре аз падару модар ба ин раванд омода нестанд, ки дар натиҷа рушди кӯдакон бе ташаккули мақсадноки сифатҳои муҳимми иҷтимоӣ сурат мегирад. Андешаву мулоҳизаҳои дар боло иброзшуда аз мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо шаҳодат медиҳанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Имрӯз дар раванди баррасии мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон омилҳои зерин мавҷуданд, ки дар педагогикаи муосир истифода шудаанд:

- назарияи иҷтимоикунонӣ;
- тараққиёти иҷтимоӣ ҳамчун маҷмуи иҷтимоикунонии давомдор;
- фардикунонӣ ва фарҳангсозӣ ҳамчун ҷузъи муҳими рушди иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ .

Дар «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» [2] ба иҷтимоисозӣ ва фардикунонии кӯдак диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки рушди комили кӯдакро таъмин мекунад. Ин тасаввуроти мутахассисонро дар бораи рушди иҷтимоии кӯдак тағйир медиҳад ва МТТ ва оила дар тарбия ва рушди иҷтимоӣ якҷоя кор мекунанд. Олимон, аз қабили ва дигарон, аҳамияти тарбияро дар муҳити МТТ ва оила таъкид кардаанд. Муҳаққиқони хориҷӣ Л.С.Виготский [6], Т.Н. Доронова [8], Е.С.Евдокимова [9], Л.В.Коломийченко [14], А.В. Петровский [28], А.Н.Щетинина [33], Л.А.Метлякова [24] ва ватанӣ М.Лутфуллозода[18], Ф.Шарифзода [32], Х.Раҳимзода [29], С.Негматов, Ф.Гулматов, Б.Маҷидова [19;21], Н.М.Юнусова, Ф.Гулматов, М.Иззатова[11], Л.М.Иматзода [10,22], М.Обидова муҳити МТТ ва оиларо муҳимтарин омили иҷтимоикунонии кӯдак дар солҳои аввалини ҳаёт шуморида, нақши ҳалкунандаи онҳоро дар ташаккули шахсият ва малакаҳои аввалини иҷтимоии кӯдак қайд менамоянд.

Олимону муҳаққиқони ватанӣ оид ба масъалаи рушди салоҳиятҳои кӯдакону хонандагон М.Лутфуллозода [17], Х.Зиёӣ [25], Ғ.Бобизода [25], М.Каримзода, Қ.Мухторӣ, С.Туронов [12], Ш.Исрофилниё, А.Байзоев [25], мақолаи илмӣ ва дастурҳои методиро аз чоп баровардаанд. Инчунин, муҳаққиқони ҷавон В.Давлатбекзода, М.Сафаров, Р. Азиззода, Ҳ.Нарзуллоев, Р.Неъматов ва дигарон диссертатсияҳои худро ҳимоя намуданд.

Рушди иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила ҳамаҷониба аз ҷониби олимони рус О. Ф. Борисова, И. А. Дядюнова, Л. В. Коломийченко [14] таҳқиқ шудааст. Ташхиси сифатҳои муҳими иҷтимоӣ дар кӯдакони томактабӣ аз ҷониби олимон А.Н.Шетинина [33], А.В.Минина, Л. А. Метлякова [24] ва дигарон гузаронида шуданд.

Айни замон таҳқиқи амиқи мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ дар МТТ ва оила аз ҷиҳати пурра таҳқиқ нашудааст. Хусусияти МТТ ва оилаи муосир ин имконияти тағйирёбӣ ва рушди худ мебошад. Имруз ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила муҳим ҳисобида мешавад.

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва амалияи омузиши масъала дар МТТ ва оила **ба ошкор кардани як қатор ихтилофот мусоидат кард:**

1. ***Сатҳи иҷтимоӣ-педагогӣ:*** Талаботи давлатӣ оид ба зарурати рушди иҷтимоии кӯдакон ва нокифоя будани салоҳияти мураббиёну падару модар, ки оид ба ин масъалаҳои мубрам дониши кофӣ надоранд;

2. ***Сатҳи илмӣ-назариявӣ:*** Байни сатҳи баланди омӯзиши ҷанбаҳои рушди иҷтимоии кӯдакон дар илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ ва норасоии моделҳои назариявӣ ва барномаҳои аз назари илмӣ асоснокшуда барои рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила.

3. ***Сатҳи илмӣ-амалӣ:*** Тафовут байни зарурати ташаккули самараноки хислатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон дар МТТ ва оила, ва норасоии методҳои амалӣ, технологиҷҳои педагогӣ ва воситаҳои ташхисии кофӣ таҳияшуда барои истифодаи доимии мунтазам аз ҷониби мураббиён ва падару модар.

Мухолифатҳои баррасишуда имкон доданд, ки мушкилоти тадқиқотро дақиқтар муайян карда, роҳҳои самараноки мувофиқ барои ташаккули сифатҳои зарурии иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ пайдо карда шаванд.Таҳия ва коркарди нопурраи мушкилоти мубрам ба мавзуи таҳқиқот бо номи «*Шароитҳои педагогии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила»* оварда расонд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2018-2023 дар мавзуи «Роҳу усулҳои муосири иҷтимоисозии насли наврас дар раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ», талаботи асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ»,Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва санадҳои дигар иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар рисолаи илмӣ масъалаи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур муайян

намудани шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила, коркард ва асосноксозии барномаи корӣ ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ, омӯзиши шароитҳои психологӣ ва педагогӣ барои амалисозии самараноки барнома ва амсилаи коркардшуда дар МТТ ва оила мебошад.

**Мақсади таҳқиқот:** асосноккунии назариявии проблемаи таҳқиқот, коркард ва таъмини шароитҳои педагогии амалисозии самараноки барномаи корӣ ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ, ки ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар ҳамкории МТТ ва оила равона шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои ноил шудан ба мақсади таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

- гузаронидани таҳлили назариявӣ ва методологии адабиёти психологӣ-педагогӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила;

- муайян ва асосноккунии назариявии шароитҳои равонӣ-педагогӣ, ки татбиқи самараноки амсилаи таҳияшудаи «Тарбияи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила» ва Барномаи кории «Ма, мо ва дигарон» мувофиқро бо истифода аз технологияҳои муосири педагогӣ таъмин менамоянд.

- коркарди барномаи дастгирии педагогии волидон, ки ба баланд бардоштани салоҳияти педагогии онҳо ва тақвияти ҳамкории байни МТТ ва оила дар ҷараёни рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ нигаронида шудааст;

- коркард ва асосноккунии меъёрҳо ва санҷиши таҷрибавии самаранокии амсилаи сохторӣ-мухтавоии таҳияшуда, барнома ва шароитҳои педагогии муайяншуда.

**Объекти таҳқиқот:** раванди ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила .

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила, ки татбиқи самараноки амсилаи сохторӣ-мухтавоӣ «Рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар МТТ ва оила» ва Барномаи корӣ «Ман, мо ва дигарон» таъмин мекунанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Рушди **с**амараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин мегарданд, ки агар:

- раванди рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ба равишҳои аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшудаи равонӣ-педагогӣ такя менамоянд, ки хусусиятҳои синну солии кӯдакон ва имкониятҳои ҳамкории МТТ ва оиларо ба эътибор мегиранд;

- амсилаи сохтори муҳтавоӣ «Рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро дар МТТ ва оила» дар МТТ ва оила таҳия ва татбиқ карда мешавад, ки ҷузъҳои бо ҳам алоқаманди мақсаднок, муҳтавоӣ, методологӣ ва натиҷавиро дар бар гирифта, яклухтӣ ва мутассилии равонди педагогиро таъмин менамоянд;

- шароитҳои педагогии мувофиқ барои татбиқи самараноки барномаи кории «Ман, мо ва дигарон», ки истифодаи техологияҳои муосири педагогӣ ва ҳамкории якҷояи мураббиён ва волидонро дар бар мегирад, таъмин ва амалӣ мегардонанд;

- баланд бардоштани салоҳияти равонӣ-педагогии мураббиёну волидлн бо фарогирии ҷанбаҳои шахсиятӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ анҷом дода мешаванд, то ки иштироки фаъолонаи онҳо дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таъмин гардад.

- системаи арзёбии рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия карда мешавад: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва дараҷаҳои инкишофро дар бар гирифта, имкон медиҳад, ки болоравии натиҷаҳо ба таври шаффоф арзёбӣ ва шароити педагогӣ муайян карда шавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳилаи бо ҳам алоқаманд баргузор карда шуд:

Марҳилаи аввал - ҷустуҷӯӣ-назариявӣ (солҳои 2019-2020):

Омӯзиши адабиёти гуногун, ки ба мавзуи баррасишаванда дахл доранд; •интихоби муҳимтарин равишҳои назариявӣ ва методологӣ, ки барои кор аҳаммият доранд; шиносоӣ бо мавзуи асосии таҳқиқоти дарпешистода ва гузоштани фарзияҳо; гузаронидани таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои муҳимтарини бадастомада, баррасии шароитҳои зарурӣ, ки барои таҳияи амсила заруранд; интихоби роҳу воситаҳо барои кори дарпешистода.

Марҳилаи дуюм таҷрибавӣ-амалӣ (2020-2022): Кор бо барномаи таҳияшудаи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила ; баррасии сатҳи мавҷудаи салоҳияти мураббия ва падару модар, ки барои масъалаи баррасишаванда муҳим аст; гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ.

Марҳилаи сеюм - ҷамъбастӣ (2022-2025) таҳлили маълумоти бадастомада пас аз озмоиши гузаронидашуда ва кор бо онҳо; омӯзиш ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада; таҳияи хулосаи умумӣ ва ба расмият даровардани таҳқиқот ҳамчун кори диссертатсионӣ.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии таҳқиқотро муқаррароти фалсафӣ оид ба ҷанбаҳои тарбияи инсон, муқаррарот дар бораи ягонагии фаъолияти муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, моҳияти иҷтимоии шахс, муқаррароти фалсафӣ барои рушди мутаносибу ҳаматарафаи шахс дар бар гирифтанд.

Ҳамчунин, муносибатҳои асосии зерин ҳамчун асосҳои методологии таҳқиқот хизмат карданд:

• системавӣ (Б. Г. Ананев, В. А. Сластенин);

• ба шахсият нигаронидашуда (Е. В. Бондаревская, О. С. Газман, В. А. Сластенин); олимони тоҷик

• салоҳиятнокӣ (Х. Лютсина, К. Роҷерс, А. В. Хуторская), ки дар шакли салоҳияти иҷтимоии кӯдакон ва падару модар пешниҳод шудааст;

• субъектӣ-фаъолиятӣ (К. А. Абулханова-Славская, О. А. Ленглер, Н. Н. Поддяков, В. И. Слободчиков, Т. П. Симакова, О. В. Суворова).

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти** диссертатсиониро осори муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, педагогҳо, файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносон

роҷеъ ба имкониятҳои истифодаи ҳамаи воситаҳои таълиму тарбия дар омода намудани мураббиёну падару модар ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии насли наврас, таҷрибаи пешқадами мураббиён, муассисаҳои томактабӣ ва ҷомеа дар таълиму тарбия, қонуну консепсияҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Илова бар ин, таҳқиқот ба принсипҳо ва мафҳумҳои зерин асос ёфта буд:

- мафҳуми рушди иҷтимоӣ ҳамчун раванди мақсадноки тарбиявӣ, ки ба насли наврас нигаронида шудааст;
- принсипҳои назарияи тарбияи оилавӣ;
- ғояҳое, ки ба ташаккули ангезаи инфиродӣ ва фаъолияти мустақилона нигаронида шудаанд;
- мафҳумҳои фаъолнокии шахс ва инъикоси шахсияти як нафар дар шахсияти дигар;
- мафҳуми муносибатҳои байнишахсӣ;
- ғояҳо оид ба ташаккули муносибатҳои «субъект-субъект», ки дар раванди муоширати ҳаррӯзаи байни волидон ва фарзандон ба вуҷуд меоянд;
- мафҳумҳои ҳамкории муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ бо оила ҳамчун муҳити асосии рушди кӯдак.

**Сарчашмаҳои маълумот** асарҳои файлсуфон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, равоншиносон ва педагогҳо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030, Барномаи давлатии рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, осори бунёдии мутафаккирони бузурги тоҷику форс, классикони адабиёти дигар халқу миллатҳо таҳқиқоти олимон дар соҳаи тарбия ва ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии насли наврас, ҳуҷҷатҳои раҳнамоии (директивии) соҳаи маориф мебошанд.

**Заминаҳои эмперикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда, омӯзиши адабиёти илмӣ-методии марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумӣ-дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим; омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ба мушоҳида гирифтани раванди рушди сифатҳои иҷтимоии насли наврас; ҳамчунин, тавассути истифода аз методҳои эмперикӣ - таҳлили ҳуҷҷатҳои дастурӣ, омӯзиши фаъолияти педагогии мураббиёну падару модарон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ, кори озмоишӣ, маҷмуи усулҳои гуногун, ташкил ва гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, таҳлилу ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни озмоиш бадастомада ва таҳлилу арзёбии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, мушоҳидаи педагогӣ, мусоҳибаҳо, усулҳои арзёбии ташхисӣ, дар асоси маълумоти бадастомада ташаккул додани далелҳои илмие, ки дар натиҷаи истифодаи нишондиҳандаҳои сифатию миқдорӣ ва дар шакли маълумоти оморӣ ва коркарди онҳо ба вуҷуд омадаанд, ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №59 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, №52 ноҳияи Фирдавсӣ , №1-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва №7-и шаҳри Турсунзода гузаронида шуд.Дар марҳилаҳои тадқиқот дар баргузории корҳои озмоишӣ 150 нафар кӯдакон иштирок намуданд. Дар марҳилаи ниҳоӣ 60 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ (гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб), 6 нафар мураббияҳои таҷрибадор, 50 нафар падару модар иштирок намуданд. Пас аз ташкили гурӯҳҳои озмоишӣ (30 нафар) ва назоратӣ (30 нафар) барои гузаронидани корҳои минбаъдаи таҷрибавӣ-озмоишӣ шароити зарурии педагогӣ фароҳам оварда шуд. Сипас, усулҳо ва методикаҳои мувофиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб ва татбиқ карда шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

1. Аз ҷиҳати назариявӣ мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила таҳлил гардида, шароитҳои педагогии амалисозии он муайян карда шуд;
2. Шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ошкор ва асоснок карда шуданд.
3. Дар ин замина амсилаи сохторӣ-муҳтавоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҳамкории МТТ ва оила таҳия ва назаиявӣ асоснок гардид.
4. Дар сохтори шароитҳои педагогӣ низоми ҳамкории байни мураббиён, волидон ва кӯдакон асоснок карда шудааст, ки ба ташаккули арзишманди кӯдак нисбат ба худ, дигарон ва фаъолияти муштарак равона гардидааст.
5. Барномаи кории "Ман, мо ва дигарон" таҳия гардид, ки ҳамкории ҳамаҷонибаи мурббиёну волидон ва истифодаи технологияҳои педагогии ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон нигаронидашударо пешбинӣ менамояд.
6. Низоми арзёбии сатҳи инкишофи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ таҳия шудааст, ки барои баҳодиҳии самараноки татбиқи амсилаи таҳияшуда, барномаи корӣ ва шароитҳои педагогӣ имконият медиҳад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. **Исбот карда шудааст, ки сифатҳои иҷтимоӣ**ии кӯдакони синни калони томактабӣ маҷмӯи сифатҳои ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки сатҳи инкишофи иҷтимоиро тавсиф мекунанд. Сифатҳои иҷтимоӣ дар мегиранд: фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, қобилияти танзими рафтори иҷтимоӣ ва имконияти ҳамкорӣ ва муошират.
2. **Муайян гардидааст, ки** барои рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути ҳамкории МТТ ва оила амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ таҳия гардад. Ин амсила низоми яклухти ҷузъҳои бо ҳам алоқаманд –ҳадафманд, мухтавоӣ, методлогӣ ва натиҷагириро дар бар мегирад, ки пайдарпайӣ ва хусусияти мақсадноки раванди рушди сифатҳои иҷтимоиро таъмин менамоянд.
3. **Собит шудааст, ки** рушди самараноки сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути маҷмуи шароити педагогӣ таъмин карда мешавад. Баланд бардоштани мақсадноки салоҳияти равонӣ-педагогии мураббиён ва волидон омили муҳим дар рушди самараноки ин

сифатҳо ба шумор рафта, ҳамоҳангсозии равишҳои педагогии МТТ ва оиларо тақозо мекунад.

**4. Асоснок карда шудааст,** ки низоми таҳияшудаи меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои рушди сифатҳои иҷтимоӣ имкон медиҳад, то динамикаи рушди онҳо дар кӯдакони синни калони томактабӣ муайян ва самаранокии татбиқи модели сохторӣ-муҳтавоӣ, барномаи корӣ ва маҷмуи шароитҳои педагогӣ ба таври объективӣ арзёбӣ карда шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот:**

- таҳлили мушкилоти мавҷуда ва кор бо маълумоти иловагӣ дар бораи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта;
- кор бо мафҳумҳои гуногун, масалан, бо сифатҳои иҷтимоӣ, ҳамкории субъект-субъектии мураббиёну падару модар бо кӯдак дар МТТ ва оила, салоҳияти мураббиёну падару модар;
- таҳияи сифатҳои иҷтимоӣ барои зуд муайян кардани тағйирот дар рушди кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта;
- муайян кардани сатҳи салоҳияти мураббия ва падару модар, ки барои рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта муҳим аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот:**

- амсилаи сохторӣ-мазмунӣ имкон медиҳад, ки сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қарордошта ташаккул дода шаванд ва он метавонад, дар муассисаҳои таълимии томактабӣ истифода шавад;
- кор бо барномаи дастгирии падару модар, ки ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон таъсир мерасонанд, метавонад аз ҷониби мураббиён ва равоншиносони муассисаҳои таълимӣ ҳангоми омода кардани барномаҳои гуногуни дастгирии педагогӣ истифода шавад, ки ин махсусан ҳангоми рафтори ғайриҷамъиятии кӯдакон муҳим аст;
- интихоби воситаҳои арзёбии мувофиқ, ки ба туфайли онҳо сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакон баҳо дода мешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокӣ ва саҳеҳии усулҳои методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, асоснокии назариявии низоми таҳияшудаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ зимни баргузории чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ дар шароити муосир таъмин мегардад.

Ҳамчунин, омилҳои зерин мавҷуданд, ки эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд:

- равишҳои методологӣ, ки ба ҳалли мушкилот бо такя ба маълумоти гуногуни илмӣ, ки аз фалсафа, педагогика ва дигар илмҳо гирифта шудаанд, имкон медиҳанд;
- усулҳое, ки ба мушкилот, ҳадафҳо ва вазифаҳои раванди таҳқиқот комилан мувофиқанд;

- усулҳои санҷидашуда, ки ба ташхиси дақиқи сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синну соли мавриди омӯзиш қароргирифта, мусоидат мекунанд;
- муайян намудани динамикаи мусбати рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ , ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд;
- назорати тағйироти мусбати муносибатҳо, ки дар МТТ ва оилаҳои пурра байни фарзандон ва падару модар ба вуҷуд меоянд;

- ташкили шахсии раванд;

- истифодаи усулҳои омори математикӣ.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои** диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.2.- Назария ва методика таълиму тарбияи томактабӣ (Педагогикаи томактабӣ): аз он ҷумла, ба *банди 4.1.* – Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ; асосҳои психологӣ-педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули шахсияти кӯдак аз рӯзи таваллуд то давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ; *банди 4.3.* – Махсусияти ҳамкории ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ; *банди 4.6.* - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ ва давраҳои гуногуни синну солӣ мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот аз таҳлили амиқи адабиёту сарчашмаҳои илмӣ, баррасӣ ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳия ва интишори мақолаву дастурҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот; омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии насли наврас дар шароити муосири муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии ибтидоӣ дар МТТ ва оила ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва истифодаи усулҳои муосири таълиму тарбия дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила; таҳия ва тасвиби амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, барномаи рушди салоҳиятҳои мураббия ва падару модар, пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои мураббиёну падару модар доир ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила .

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосӣ дар мавридҳои зерин тасвиб ва тасдиқи худро ёфтанд:

- дар раванди ташкили фаъолияти таълимӣ - тарбиявии мураббиёну падару модар;

- ҳангоми гузаронидани суҳбату вохурӣ ва дигар тадбирҳо бо падару модар;

- дар конфронсҳои илмӣ - назариявӣ ва семинарҳо доир ба масъалаи таҳқиқшаванда;

- дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии шуъбаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

- ҳангоми маърӯза ва суханрониҳо дар конфросҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 номгӯй интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 10 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат буда, аз 192 саҳифа чопи компютерӣ иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 188 номгӯйро дар бар мегирад. Дар матни диссертатсия 17 диаграма 10 ҷадвал истифода шудааст.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок шуда, объект, мавзуъ (предмет), ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот матраҳ шуда, аҳамияти назариявию амалӣ, навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, маълумот дар бораи озмоиш ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудааст.

**Дар боби 1-ум «Асосҳои назариявӣ-амалии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол»** асосҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила мавриди таҳлил ва ҷамъбасти илмӣ қарор дода шудаанд.

Дар адабиёти педагогӣ таъкид мешавад, ки «рушди иҷтимоии барвақтии кӯдак заминаи асосии ташаккули шахсият мебошад. Тарбия ва ба камол расонидани насли ояндасоз дар ҳама давру замон аз ташкили муҳити дурусти МТТ ва оила, ташаккули маърифати оиладорӣ сарчашма гирифтааст» [6;7;16 ].

Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ нишон медиҳанд, ки рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила ҳамчун шарти муҳим ва зарурии ташаккули шахсияти комил арзёбӣ мегардад. Ин таҳлил заминаи методологӣ барои таҳияи амсилаи педагогӣ ва татбиқи усулҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро фароҳам меорад.

Дар фасли якуми боби якум «**Таҳлили рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакону хонандагони хурдсол дар адабиёти равонию педагогӣ ва методӣ»** моҳият, мазмун ва хусусиятҳои рушди иҷтимоии кӯдакон дар заминаи таҳлили назарияҳо ва равишҳои асосии педагогӣ ва психологӣ баррасӣ карда мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» дар моддаи 14 «Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак» чунин омадааст: «Падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак ҳуқуқҳои зеринро доранд: Зербанди 8) ба фаъолияти муассисаи таълимие, ки кӯдак дар

он таҳсил мекунад, мусоидат намоянд» [3, с.14 ].

Рушди иҷтимоӣ ҳамчун раванди мураккаб ва пайдарпайи азхудкунии меъёрҳои иҷтимоӣ, арзишҳои ахлоқӣ, қоидаҳои рафтор ва таҷрибаи муоширати иҷтимоӣ маънидод мегардад, ки оғози он пеш аз ҳама ба муҳити оила вобаста мебошад. Дар ин замина таъкид мегардад, ки рушди иҷтимоӣ на танҳо натиҷаи таъсири муҳити беруна, балки маҳсули ҳамкории фаъоли кӯдак бо аъзои оила ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф олими ватанӣ Х.Раҳимзода чунин қайд мекунад: «Оила – мураббии аввалин, раҳнамои ҳаёт, асосгузори феълу атвори ояндаи ҳар як шахс мебошад. Дар оила шахс тарбия ёфта, меъёрҳои ахлоқиро аз худ мекунад ва ба ҳаёти мустақил омода мегардад ва ба камол мерасад» [29, с.12].

Рушди иҷтимоӣ инчунин аз муҳити иҷтимоӣ, аз қабили МТТ ва оила, дӯстон, ҳамсояҳо ва институтҳои таълимӣ вобастагии калон дорад. Таъсири ин муҳитҳо ба ташаккули шахсияти кӯдак, арзишҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон дорад. Тибқи таҳқиқоти Л.С. Виготский, «рушди иҷтимоӣ тавассути муошират бо дигарон, бахусус калонсолон ва ҳамсолон ба амал меояд, ки онҳо нақши дастгирӣ ва роҳнаморо мебозанд» [5,с.56].

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки оила ҳамчун ниҳоди аввалин ва асосии иҷтимоӣ дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, аз қабили муносибати мусбат ба атрофиён, масъулиятшиносӣ, қобилияти ҳамкорӣ, худбаҳодиҳӣ, мустақилият ва мутобиқшавӣ ба муҳити иҷтимоӣ, нақши ҳалкунанда мебозад. Дар зербоб омилҳои асосии психологӣ-педагогии рушди иҷтимоии кӯдакон, аз ҷумла хусусиятҳои муошırати оилавӣ, услуби тарбияи волидон, намунаи рафтори калонсолон, сатҳи дастгирии эмотсионалӣ ва фазои ахлоқию равонии оила таҳлил карда мешаванд. Олими ватанӣ, профессор М.Иззатова бар он андеша аст, ки «таъмин намудани ҳамкорӣ бо падару модар шарти муҳими тарбияи меҳнатии кӯдакон мебошад. Мавҷудияти талаботи ягона дар ва оила ва кӯдакистон ба ташаккулёбии маҳорату малакаҳои меҳнатӣ имконият медиҳад, ки иҷрои вазифаҳои тарбияи меҳнатӣ таъмин гардад. Бояд ба ҳисоб гирифт, ки на ҳамаи падару модарон аҳаммият, вазифа, восита ва роҳу усулҳои тарбияи меҳнатиро медонанд» [11, с.68].

Инчунин хусусиятҳои синнусолии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, асоснок карда мешавад, ки маҳз дар ин марҳилаи рушд пояҳои асосии иҷтимоии шахсият, муносибатҳои байнишахсӣ ва худшиносии иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Таъкид мегардад, ки мутобиқати таъсири омилҳои психологӣ ва педагогӣ дар МТТ ва оила ҳамчун шарти муҳим барои рушди иҷтимоии муваффақонаи кӯдакон баромад менамояд.

Рушди иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила як раванди мураккаб, бисёрсатҳӣ ва бисёрҷабҳа мебошад, ки таъсири ҳамзамони омилҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоиро дарбар мегирад. Дар муҳити оила заминаҳои асосии рушди сифатҳои иҷтимоӣ, аз қабили худшиносӣ, масъулиятшиносӣ, ҳамкорӣ, эҳтиром ба дигарон ва мутобиқшавӣ ба ҷомеа гузошта мешаванд. Муҳаққиқ Л. В. Коломийченко изҳор кардааст,

ки рушди иҷтимоӣ раванди динамикӣ ва доимии азхудкунии арзишҳои фарҳанги иҷтимоӣ буда, дар ҷараёни иҷтимоикунонӣ, фардикунонӣ ва фарҳангсозӣ амалӣ мегардад ва бо тағйироти миқдорӣ ва сифатии пайвастшавӣ ба намудҳои гуногуни фарҳанги иҷтимоӣ тавсиф мешавад [15,51].

Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии давлатӣ, аз қабили Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти рушд ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) солагӣ) ва Стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, рушди иҷтимоӣ-коммуникативӣ ва маънавӣ-ахлоқии кӯдак ҳамчун самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ муайян гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки дар раванди таълим ва тарбия на танҳо ба азхудкунии дониш ва малакаҳои маърифатӣ, балки ба рушди сифатҳои муҳими иҷтимоӣ, аз қабили субъектӣ (қобилияти мустақил будан ва қабули қарорҳо), эҳсосӣ (қобилияти дарк ва идораи эҳсосот), ва коммуникатсионӣ (қобилияти муошират ва ҳамкорӣ бо дигарон) низ таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта тарбия карда шавад, ки қодир аст дар ҷомеа фаъолона иштирок намуда, муносибатҳои солимро барқарор намояд.

Муҳаққиқон А.А. Толмачева, Л.В.Колоймиченко ҷузъҳои асосии салоҳияти иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабиро хеле дақиқ муайян кардааст, ки иборатанд аз:

- «коммуникативӣ - рушди нутқ, ҳамчун роҳи муносибат бо одамони дигар;

- маърифатӣ - муаррифии кӯдак дар бораи меъерҳои рафтори иҷтимоӣ;

- ҷузъи рефлексивӣ - намунаҳои рафтори худро пайгирӣ ва танзим кардан;

- рафторӣ - намунаҳои рафтор дар асоси интериоризатсияи меъёрҳо ва қоидаҳо;

- аксиологӣ - пур кардани меъерҳои иҷтимоӣ бо маънои арзиши шахсӣ» [15,с.39].

Раванди рушди иҷтимоӣ як раванди динамикӣ ва мураккаб аст, ки дар тули тамоми давраи кӯдакӣ ва наврасӣ идома меёбад. Дар ин давра, кӯдак бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мешавад, аз қабили мутобиқ шудан ба қоидаҳои нав, бунёди муносибатҳои солим ва муайян кардани шахсияти худ. Муваффақияти рушди иҷтимоӣ аз омилҳои гуногун вобаста аст, аз ҷумла дастгирии волидайн, муҳити мусоиди таълимӣ ва имкониятҳои муошират бо ҳамсолон. Педагоги машҳури тоҷик М. Лутфуллоев чунин қайд кардааст, ки: «Дар оила ҳисси муҳаббат, эҳтиром, масъулият ва ҳамдигарфаҳмӣ ташаккул меёбад. Агар дар хона фазои солими ахлоқӣ ҳукмфармо бошад, фарзанд ҳамчун шахси боодоб, меҳрубон ва

масъулиятшинос ба воя мерасад. Падару модар на танҳо бояд фарзандро таъмин кунанд, балки ӯро бо роҳи дуруст ҳидоят намоянд, меҳнати ҳалол, ватандӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва дӯст доштани илму донишро омӯзонанд» [17, с.10].

Бо такя ба таърифи тарбияи иҷтимоӣ, рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила ҳамкории мақсадноки падару модар бо кӯдак аст, ки тағироти сифатии салоҳиятҳои иҷтимоиро таъмин мекунад. МТТ ва оила омили муҳимтарини рушди иҷтимоӣ буда, имкон медиҳад, ки ниёзҳои кӯдак омӯхта, тарбия шахсиятӣ карда шавад ва фазои мусоид эҷод гардад.

**Дар фасли дуюми боби якум «Таҳияи амсилаи сохторӣ-мухтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила тибқи талаботи замони муосир»** амсилаи сохторӣ таҳия, тавсиф ва асоснок карда шудааст. Амсилаи пешниҳодшуда ба таҳлили назариявию амалии масъала такя намуда, робитаи мутақобилаи унсурҳои асосии раванди рушди иҷтимоии кӯдаконро инъикос менамояд ва имкониятҳои амалии рушди сифатҳои иҷтимоии онҳоро дар муҳити МТТ ва оила муайян месозад.

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардидааст, ки амсилаи сохторӣ-мухтавоӣ барои рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак дар МТТ ва оила дорои сохтори муназзам буда, аз бахшҳои мақсаднок, мазмуннокӣ, методӣ ва самарабахшӣ иборат мебошад.

- Бахши мақсаднок самт ва ҳадафҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро муайян намуда, ба ташаккули муносибатҳои иҷтимоии мусбат, худшиносӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо равона мегардад.
- Бахши мазмуннокӣ Барномаи ташаккули рушди иҷтимоии кӯдакон ва Барномаи роҳнамоии мураббиёну волидонро дарбар гирифта, арзишҳо, меъёрҳо ва донишҳои иҷтимоиро, ки дар муҳити МТТ оила интиқол меёбанд, фаро мегирад.
- Бахши методӣ таъмини шароитҳои педагогӣ, ташаккули салоҳияти мураббиёну волидон, шакл ва усулҳои асосии таъсиррасонии педагогии мураббиёну волидонро муайян намуда, ба ташкили фаъолияти муштараки кӯдакон ва калонсолон, муошırати самаранок ва таҷрибаи иҷтимоии амалӣ равона карда мешавад.
- Бахши самарбахшӣ сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдаконро инъикос намуда, нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои баҳодиҳии рушди иҷтимоии онҳоро дар бар мегирад.

Амсилаи сохторӣ-мухтавоии таҳияшуда ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологӣ барои ташкили тадқиқоти таҷрибавӣ, таҳияи барномаи таҷрибавӣ-озмоишӣ ва татбиқи самараноки тавсияҳои педагогӣ дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила хизмат менамояд.

Нақшаи 1.

<table>
<tr><td rowspan="3">Бахши мақсаднок</td><td colspan="12">АМСИЛАИ СОХТОРӢ-МУҲТАВОИИ «ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ДАР ШАРОИТИ МТТ ВА ОИЛА»</td></tr>
<tr><td colspan="12">МТТ, ОИЛА, НИҲОДИ ИҶТИМОӢ</td></tr>
<tr><td colspan="12">Ташаккули сифатҳои шахсии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила, аз ҷумла рушди фаъолнокӣ, ташаббускорӣ, мустақилият, рафтори ихтиёрӣ, қобилияти ҳамкорӣ, худбаҳодиҳӣ ва муносибати мусбии эмотсионалӣ.</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Бахши мазмунокӣ</td><td colspan="12">Барномаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила (ҷанбаи инфиродии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак).</td></tr>
<tr><td colspan="12">Барномаи роҳнамоии мураббиёну волидон оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муҳити МТТ ва оила (бо таъкиди рушди инфиродии волидон).</td></tr>
<tr><td rowspan="7">Бахши таъмини методӣ</td><td colspan="12">Шароити 1. ҲАМКОРИИ СУБЪЕК- СУБЪЕКТИИ МУРАББИЯ, ВОЛИДОН БО КӮДАК</td></tr>
<tr><td colspan="3">Аксеологӣ – Арзишӣ</td><td colspan="3">Эмотсионалӣ</td><td colspan="3">Рағбатнокӣ (когнитивӣ)</td><td colspan="3">Фаъолнокӣ</td></tr>
<tr><td colspan="12">Шаклҳои ташкил: намудҳои фаъолияти МТТ ва оила-хоҷагидорӣ-маишӣ, тарбиявӣ-маърифатӣ, иртиботӣ-эҳсосотӣ, фарҳангӣ (маданият ва варзиш) маънавӣ-ахлоқӣ, иқтисодӣ</td></tr>
<tr><td colspan="12">Давраҳои ҳамкорӣ: ҳавасмандкунӣ, мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, фаъолияти якҷоя, рефлексия</td></tr>
<tr><td colspan="12">Шароити 2.САЛОҲИЯТИ МУРАББИЯ ВА ВОЛИДОН</td></tr>
<tr><td colspan="4">Шахсиятӣ</td><td colspan="4">Маърифатӣ</td><td colspan="4">Фаъолиятӣ</td></tr>
<tr><td colspan="12">Шаклҳои ташкил: муҳити иттилоотӣ ва таҳсилоти фосилавӣ (вебинарҳо, курсҳои онлайн), семинарҳо ва омӯзишҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мураббиёну волидон, иҷрои супоришҳои амалӣ, татбиқи роҳҳои рушди инфиродӣ, ташкили ҳамкорӣ бо кӯдакон дар намудҳои гуногуни фаъолияти МТТ ва оила, роҳбаладӣ (менторинг), таҳлили ҳолатҳо аз ҷониби волидон ва фаъолияти гурӯҳӣ (кор дар гурӯҳҳо).</td></tr>
<tr><td colspan="13">МАРҲИЛАҲО: ПРОБЛЕМАВӢ-ТАҲЛИЛӢ, ҶУСТУҶӮЙ-ТАШХИСӢ, ЛОИҲАКАШӢ, АМАЛИГАРДОНӢ, НИҲОӢ-ҶАМЪБАСТӢ</td></tr>
<tr><td rowspan="3">Бахши самарабахшӣ</td><td colspan="12">Арзёбии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ</td></tr>
<tr><td colspan="4">Дараҷаи баланд</td><td colspan="4">Дараҷаи миёна</td><td colspan="4">Дараҷаи паст</td></tr>
<tr><td colspan="12">Натиҷа: ноил шудани аксари кӯдакон ба дараҷаи баланди рушди сифатҳои иҷтимоӣ</td></tr>
</table>

Амсилаи пешниҳодшуда унсурҳои асосии технологияи педагогиро фаро мегирад:

**Ҳадаф:** рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҳамкорӣ бо волидон. Ҷалби онҳо ба раванди таълим имкон дод, ки таъсири тарбиявӣ пурзӯр гардад.

**Мундариҷа:** маҷмӯи вазифаҳои маърифатӣ ва амалӣ, ки волидон дар интихоб ва мутобиқсозии онҳо ба хусусиятҳои инфиродии кӯдак иштирок намуданд.

**Марҳилаҳо:** раванд бо пайдарпайии муайян (ташхис, тарҳрезӣ, татбиқ, ҷамъбаст) амалӣ гардид, ки ҳамкории ҳамаи иштирокчиёнро таъмин гардид.

**Ҳамкорӣ:** муносибатҳо дар асоси муколама, шарикӣ ва фардикунонӣ ташкил шуда, волидон фаъолияти омӯхташударо дар муҳити оила идома доданд.

**Ҳавасмандӣ:** шароите фароҳам оварда шуд, ки иштирокчиён имкони интихоби фаъолият ва нишон додани ташаббусро дошта бошанд.

**Озодӣ:** раванди таълим мутобиқшаванда буда, дар доираи принсипҳои умумӣ имкони эҷодкорӣ нигоҳ дошта шуд.

**Воситаҳо:** истифодаи маводи тасвирӣ, аудио ва видео, инчунин технологияҳои рақамӣ (семинарҳои онлайн ва ғайра) ба дарки беҳтари мавод ва баланд гардидани ҳавасмандии кӯдакон мусоидат намуд.

Ба андешаи В. Петровский кӯдак дар раванди фаъолияти муштарак бо дастгирии калонсолон аз сатҳи мушоҳидагар ба иҷрокунанда ва минбаъд ба эҷодкор мегузарад. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки рушди шахсият ва рушди сифатҳои иҷтимоӣ маҳз дар муҳити фаъолияти фаъол ва ҳамкорона амалӣ мегардад [28, с. 62].

Муносибати ба салоҳият нигаронидашуда имконият фароҳам меорад, ки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабии калонсол ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун ҷузъи таркибии салоҳияти иҷтимоӣ баррасӣ карда шаванд. Дар таҳқиқоти илмӣ таъкид мегардад, ки «салоҳияти иҷтимоӣ маҷмӯи дониш, малака ва таҷрибаи муносибатҳои иҷтимоиро дар бар мегирад» [25, с. 45]. Дар ҳамин замина, масъалаҳои вобаста ба салоҳияти волидайн ва технологияҳои ташаккули он низ мавриди омӯзиш қарор мегиранд (А. М. Щетинина, Л. В. Коломийченко, В. И. Байденко, И. А. Зимняя, А. К. Маркова ва дигарон).

Равиши субъектӣ-фаъолиятӣ, ки дар осори Б. Г. Ананьев, Лев Виготский, Алексей Леонтев ва С. Л. Рубинштейн асоснок гардидааст, ҳамчун пояи назариявии рушди сифатҳои иҷтимоӣ баромад мекунад. Мувофиқи ин равиш, «рушди шахсият дар раванди фаъолият амалӣ гардида, субъект тавассути фаъолият таҷрибаи иҷтимоиро азхуд менамояд» [6, с. 63].

Барномаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак дар МТТ ва оила ҳамчун самти кор бо мураббия ва падару модар дар доираи барномаи дуюм — «Барномаи дастгирии падару модар дар тарбияи сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни 5-7 сола дар оила» истифода гардид. Мазмуни он ба рушди салоҳияти мураббия ва падару модар ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои шахсӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ равона шудааст. Ин маънои онро дорад, ки «волидон ва мураббиён вазифадоранд дар таълиму тарбияи кӯдакон фаъолона ширкат варзида, вобаста ба пешрафти ҷомеаи имрӯзаи инсонӣ фарзандон ва тарбиятгирандагонро таълиму тарбия диҳанд» – қайд менамояд муҳаққиқ Л.Иматзода [10, с.43].

Илова бар усулҳои ташхисии қаблан тавсифшуда, мо дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии таҳқиқот ба таври фаъол аз як қатор усулҳои маъруфи

ташхисии пешниҳоднамудаи муаллифони Н. А. Абрамова, А. И. Баркан, Л. В. Кирс, А. М. Щетининой, В. Г. Шур [33,34] истифода бурдем. Бояд қайд кард, ки мо ҳангоми истифодаи усулҳо мазмуни онҳоро бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии гурӯҳи таҳқиқшаванда таҳия ва мутобиқ кардем. Ин имкон дод, ки натиҷаҳои боэътимодтар ва дақиқтар ба даст оварда шаванд, инчунин муқоиса бо маълумоти дигар таҳқиқотҳоро осонтар гардонем.

Дар консепсияи «шахсисозӣ», ки аз ҷониби А. В. Петровский ва В. А. Петровский пешниҳод шудааст, ки: «субъектӣ инъикосшуда» - ҳамчун тағйирёбии сифатҳои муҳими одамони дигар тавсиф мешавад. Ин тағйирот дар рафтор ва шуур тавассути инъикоси шахсият дар дигарон ба амал меояд. Ба ибораи дигар, шахс тавассути таъсир расонидан ба дигарон ва дидани инъикоси худ дар онҳо, худро ҳамчун субъект муаррифӣ мекунад [28]. Муносибати волидайн муносибати онҳо ба фарзанд, нақши волидайн ва амалияи тарбиявиро дар бар мегирад.

**Дар боби дуюм «Шароитҳои педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила»** номгузорӣ шудааст. Мақсади асосии боби мазкур санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоии таҳияшуда мебошад, инчунин муайян намудани самаранокии шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити оила мебошад.

Олими рус А.В.Петровский қайд мекунад, ки шароитҳои педагогӣ маҷмӯи махсус эҷодшудаи омил, раванд ва шароитҳое мебошанд, ки ба таълиму тарбия таъсир мерасонанд ва барои ҳалли мушкилоти алоҳида дар педагогика мусоидат мекунанд [28, с.112]. Бо ибораи олимони ватанӣ Т.Мустафоқулов ва М.Нарзуллоева»....шароитҳои педагогӣ воситаенд, ки имкон медиҳанд раванди таълим ва тарбия ба самти дуруст равона шуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда шавад. Ин шароитҳо метавонанд гуногун бошанд ва аз имкониятҳои муассисаи таълимӣ, салоҳияти омӯзгор, хусусиятҳои фардии хонандагон, муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобаста бошанд» [26, с.89 ].

**Барои татбиқи амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ:**

- ташкили фаъолиятҳои муштарак бо иштироки кӯдак ва мураббиёну волидон;
- истифодаи усулҳои интерактивӣ барои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ;
- ба роҳ мондани машқҳо ва бозиҳои мақсаднок барои ташаккули ҳамкории гурӯҳӣ ва эҳтиром ба дигарон;
- назорати пайваста ва фикру мулоҳиза дар оид ба натиҷаҳои рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак.

Дар раванди таҳқиқ равобити байни шароитҳои педагогии фароҳамовардашуда, фаъолияти мураббиёну волидон ва сатҳи рушди иҷтимоии кӯдакон ошкор карда шуданд. Кори озмоишӣ ба он равона гардид, ки таъсири воқеии муҳити оилавӣ ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон аз нигоҳи илмӣ тасдиқ карда шуда, имкониятҳои татбиқи амалӣ ва самараноки тавсияҳои педагогӣ муайян карда шаванд.

Муҳаққиқ Т.Н.Доронова аҳаммияти ниҳоят бузурги муҳити наздикро чунин таъкид мекунад, зеро он дар ташаккули шахсияти кӯдак нақши муҳим мебозад. МТТ ва оила ҳамчун муҳити иҷтимоӣ таъсири амиқ ва доимӣ мерасонад. Тарбияи МТТ ва оила аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки муносибатҳои байни калонсолон ва кӯдакон дар фазои эҳсосӣ ва муҳаббатомез сурат мегиранд. Ин муносибатҳо устувор ва давомдор буда, падару модар ва дигар аъзои калони МТТ ва оила ба кӯдак таъсири тарбиявӣ мерасонанд. Дар МТТ ва оила кӯдак арзишҳо, меъёрҳо ва анъанаҳоро меомӯзад ва ин барои ҳаёти минбаъдааш замина мегузорад [8, с.23].

Натиҷаҳои боби дуюм имкон медиҳанд, ки робитаи зичи назария ва амалия дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон асоснок гардида, дурустии фарзия ва хулосаҳои таҳқиқот исбот карда шаванд. Илова бар ин, онҳо заминаи илмӣ барои таҳияи барномаҳои таҷрибавӣ-амалӣ ва тавсияҳои методологии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар муҳити МТТ ва оила фароҳам меоранд.

**Дар зербоби якуми боби дуюм** зери унвони «Шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила» шароитҳои асосии психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила муайян ва асоснок карда шудаанд. Ин шароитҳо дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, хулосаҳои боби назариявӣ ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии кӯдакон ҷудо карда шудаанд.

Барои татбиқи самараноки амсилаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди психологӣ ва педагогӣ зарур аст. Таҳқиқотҳо оид ба иқтидори тарбиявии МТТ ва оила (А.В. Петровский ва В.А. Петровский В. В. Коробкова, Л. А. Метлякова ва дигарон) ҳамкории мураббиёну падару модарро ҳамчун шарти муҳими тарбияи бомуваффақият муайян мекунанд. А.В. Петровский ва В.А. Петровский таъкид мекунанд, ки дар раванди ҳамкорӣ кӯдак хислатҳои калонсолонро қабул карда, доираи ҷаҳони худро васеъ мегардонад [28, с. 8-18].

Рушди самараноки иҷтимоии кӯдак маҳз дар доираи чунин муносибат амалӣ мегардад. Дар ин раванд фаъолияти шахсии кӯдак ва мавқеи ӯ ҳамчун субъект аҳамияти калидӣ дорад. Тавре ки А. П. Панфилова қайд мекунад, ҳамкории мутақобила бояд ба муколама ва баробарии ҷонибҳо асос ёбад, ки ин ба иштироки фаъолонаи ҳамаи иштирокчиён мусоидат мекунад. Ин гуна муҳит имконият медиҳад, ки кӯдак фикру андешаҳои худро озодона баён намуда, таҷрибаи иҷтимоии худро ғанӣ гардонад.

Оила, ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ, имкон медиҳад, ки кӯдакон ба фаъолиятҳое ҷалб шаванд, ки дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ намешаванд. Иштирок дар корҳои оилавӣ ба ташаккули хислатҳои ахлоқӣ ва дарки худ ҳамчун узви оила мусоидат мекунад. Бозӣ сатҳи зарурии рушди иҷтимоиро таъмин намекунад, зеро кӯдак сабабҳои рафтори воқеии калонсолонро аз худ намекунад. А. В. Петровский чунин қайд менамояд, ки: «барои иҷтимоишавии пурра, таҷрибаи зиндагии воқеӣ лозим аст. Гарчанде ки бозӣ

потенциали шахсӣ дорад, муносибатҳои оилавӣ, ки тавассути фаъолиятҳо миёнаравӣ мекунанд, нақши тарбиявӣ мебозанд» [28,22].

Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила дар ҳолати фароҳам овардани шароитҳои психологӣ-педагогӣ имконпазир мебошад. Ба ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила шароити психологӣ-педагогии дар боб ҷудошуда мусоидат мекунад:

**Шароити психологӣ-педагогии якум** шаклҳои ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи зеринро дар бар мегирад.:

а) Самти аксеологӣ - муносибати арзишӣ ба худ, ба шарик, ба фаъолият; ягонагии самтҳои арзиш; ҳавасмандкунии ҳарду субъекти ҳамкорӣ ба фаъолияти муштарак;

б) Самти эмотсионалӣ - фазои мусоиди эҳсосӣ дар МТТ ва оила, тарзи фаҳмиши муносибатҳо;

в) Самти рағбатнокӣ (когнитивӣ) - мавқеи субъективии волидайн ва эътирофи субъективии кӯдакон, зуҳуроти фаъолияти эҷодии ӯ;

г) Самти фаъолиятӣ – ин ҷалби кӯдак ба фаъолияти муштараки МТТ ва оила мебошад, аз қабили меҳнатӣ, эҳсосӣ-коммуникативӣ, фароғатӣ, иқтисодӣ, маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоикунонӣ.

**Шароити психологӣ-педагогии дуюм.** Рушди салоҳияти мураббия ва падару модарон дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ, ин маҷмӯи хусусиятҳои шахсӣ, маърифатӣ ва тавсифи фаъолият, ки барои рушди самараноки сифатҳои иҷтимоии ӯ заруранд.

Тавсеаи салоҳияти мураббия ва падару модар имкон медиҳад, ки МТТ ва оила ба муҳити мусоид барои рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон табдил ёфта, ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо мусоидат намояд.

Инчунин муайян карда шудааст, ки ҳамоҳангии таъсири омилҳои психологӣ ва педагогӣ, инчунин пайвастагии тарбияи оилавӣ бо талаботи иҷтимоӣ ва меъёрҳои муҳити таълимӣ ҳамчун шарти муҳими рушди иҷтимоии муваффақонаи кӯдакон баромад менамоянд.

Шароитҳои муайяншуда ҳамчун пояи ташкили кори озмоишӣ ва санҷиши амалии амсилаи сохторӣ-муҳтавоии таҳияшуда хизмат намуда, самаранокии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ро дар шароити МТТ ва оила таъмин менамоянд. Тавре ки А.В.Петровский қайд мекунад, ки ҳамкории мутақобила бояд ба муколама ва баробарии ҷонибҳо асос ёбад, ки ин ба иштироки фаъолонаи ҳамаи иштирокчиён мусоидат мекунад [28, с. 51]. Ин гуна муҳит имконият медиҳад, ки кӯдак фикру андешаҳои худро озодона баён намуда, таҷрибаи иҷтимоии худро ғанӣ гардонад. Академик М.Лутфуллозода бузургтарин қарзи падару модарро дар назди фарзанд тарбия ва одоб таъкид мекунад ва чунин мегӯяд: «дар тарбияи фарзанд ҳаргиз дер намонед, ба умеди он нашавед, ки як рӯз не, як рӯз ақлаш ба сараш мезанад. тарбияи инсон ҳеҷ гоҳ дерӣ надорад: инсон тамоми умр муҳтоҷ ба тарбия аст» [17, с.179].

Таҳқиқоти Л. В. Коломийченко низ аҳамияти самтҳои арзиширо дар раванди тарбия таъкид менамоянд. Дар барномаҳои ӯ - «Оилашиносӣ барои кӯдакон» ва «Роҳи некӣ» - категорияҳои калидӣ, аз ҷумла «Ман», «Модар»,

«Падар», «Оила», «Шаҳр» ва «Кишвар», ҳамчун асоси ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ баррасӣ мешаванд. Тавре ки дар ин таҳқиқотҳо ишора мегардад, «…ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба МТТ, оила ва ҷомеа шарти муҳими рушди иҷтимоии кӯдак мебошад»[14, с.64].

Аз ин рӯ, мураббиёну падару модар бояд дар ташкили намудҳои гуногуни фаъолияти МТТ ва оила, ки иштироки кӯдакро дар назар доранд, салоҳиятдор бошанд. Салоҳияти мураббия ва падару модар дар ин самт имкон медиҳад, ки фаъолияти МТТ ва оила ба як воситаи қавии тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдак табдил ёбад.

Дар зербоби дуюм «**Технологияи ташкил ва тавсифи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар марҳилаҳои таҳқиқот»** ташкил, марҳилаҳо, мазмун ва хусусиятҳои кори озмоишӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила муфассал тавсиф карда шудааст. Кори озмоишӣ мутобиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот дар **се марҳила** – муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ амалӣ гардид.

Таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии №59 дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, №52 ноҳияи Фирдавсӣ , №1-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ва №7-и шаҳри Турсунзода гузаронида шуд. Дар марҳилаи озмоиши муқарраркунанда ду гурӯҳи иштирокчиёни озмоиш ташкил гардид: гурӯҳи озмоишӣ (30 кӯдак ) ва гурӯҳи назоратӣ (30 кӯдак).

**Марҳилаи** муқарраркунанда ба муайян намудани сатҳи ибтидоии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона карда шуд. Дар ин марҳила ҳолати воқеии рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ, хусусиятҳои муошири онҳо бо ҳамсолон ва калонсолон, инчунин сатҳи иштироки мураббиёну волидон дар раванди тарбия таҳқиқ карда шуд.

**Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, шартҳои зерин муқаррар карда шуданд:**

**Интихоби воситаҳои ташхисӣ.** Воситаҳои ташхисӣ бояд мувофиқи фарзия, ҳадафҳо ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб карда шаванд. Инчунин, онҳо бояд барои муайян кардани сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мувофиқ бошанд;

**Баҳодиҳии сифатҳои иҷтимоӣ.** Сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ба таври ғайримустақим тавассути мураббиён ва падару модари онҳо омӯхта мешаванд. Мураббиён ва падару модар дар асоси мушоҳидаҳои шахсии худ дар бораи кӯдакон ва иҷрои супоришҳои тестӣ ба саволҳо ҷавоб медиҳанд.

**Интихоби меъёрҳои ташхисӣ.** Барои муқоисаи минбаъдаи натиҷаҳои бадастомада, меъёрҳои ягонаи оморӣ муайян карда шуд. Инчунин, гунаҳои мухталифи стандартии ҷавобҳо ба назар гирифта шуд.

**Интихоби роҳу усулҳо.** Дар ин тадқиқот ҳангоми кор бо кӯдакон интихоби маводи ташхисӣ ва усулҳои таҳқиқи рушди иҷтимоии кӯдакон ба таҳқиқоти олимон А.М.Щитинина, Н.А.Абрамова, В.Г.Шур, А.Г.Баркан, Л.В.Коломийченко такя карда шуд. Аз тариқи усулҳои ҳамгирошуда - мушоҳидаи мураббия, падару модар ва омӯзиши тестҳои иҷрокардаи кӯдакон ташхис гузаронидем. Таҳқиқот таҳти сарварии мутахассис бо иштироки мураббия ва падару модар баргузор карда шуд. (Пурсишномаҳо дар замимаҳои рисолаи илмӣ оварда шудаанд)

Муҳаққиқ В.В. Коробкова муайян намудааст, ки салоҳияти психологӣ-педагогии падару модар ин омодагӣ ва қобилияти дар асоси дониш, малака,

маҳорат ва таҷриба дар соҳаи тарбияи кӯдак, мақсаднок эҷод кардани шароитҳои рушд барои кӯдак, ки ба ӯ мавқеи субъективии фаъолияти ҳаётии худро таъмин мекунад.

Ҷадвали 2

| Меъёрҳо | Нишондиҳандаҳо | Усулҳои ташхисӣ |
|---|---|---|
| **1.Маводи ташхисӣ барои таҳқиқи мураббиён ва падару модар оид ба сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар асоси мушоҳида фаъолияти онҳо** | | |
| 1. Мустақилият | Қобилияти ташкили фаъолияти худ, иҷрои кор то охир | Харитаи зуҳуроти мустақилият (А.М.Щитинина) |
| 2. Фаъолнокӣ | Хоҳиши иштироки фаъолона дар чорабиниҳо | Харитаи зуҳуроти фаъолнокӣ (А.М.Щитинина, Н.А.Абрамова) |
| 3. Ташаббускорӣ | Қобилияти оғоз кардани ягон фаъолият, хоҳиши аввалин шудан | Харитаи зуҳуроти ташаббускорӣ (А.М.Щитинина) |
| 4. Рафтори ихтиёрӣ | Қобилияти назорат кардани рафтори худ, интихоби муносибати разишманд нисбати дигарон, қабул ва иҷрои қоидаи гурӯҳ, иҷрои талаботи калонсолон | Азёбии дараҷаи ташаккули шаклҳои иҷтимоии рафтори кӯдак аз рӯи натиҷаи мушоҳидаҳо (А.М.Щитинина, Л.В.Кирс) |
| 5. Баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамкорӣ | Қобилияти иштирок дар муколамаи шарикӣ | Ташхиси қобилияти кӯдакона ба муколамаи шарикӣ (М.Щитинина) |
| **2. Маводи ташхисӣ барои омузиши сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар асоси омузиши тестҳои аз ҷониби кӯдакон иҷрошуда** | | |
| 6. Худбаҳодиҳӣ | Арзёбии худ | Санҷиши «Нардбон» (Лесенка) В.Г Шур |
| 7. Муносибати мусбии эмотсионалӣ | Ҳолати умумии эмотсионалӣ (эҳсосотӣ)-и кӯдак | Санҷиши «Расми оила (А.И.Баркан) тағирёфта |

Равоншинос Н.Абдурашитов бошад, чунин таъкид мекунад, ки: салоҳияти омӯзгор ва падару модар дар дарки арзиши рушди худ, эътирофи таҷрибаи волидайн, донишҳои психологӣ-педагогӣ, малакаҳо, қобилияти тағйир додани рафтор, эҷоди фазои эътимод ва худтанзимкунӣ зоҳир мегардад .

Барои арзёбии мустақилияти кӯдакон, мо аз ҷадвали мустақилияти Щетинина истифода бурдем. Волидон пурсишномаҳои 12-саволиро пур

карданд ва яке аз вариантҳо - ҳеҷ гоҳ, баъзан ё аксар вақтро интихоб карданд. Ин ба мо имкон дод, арзёбӣ кунем, ки фарзандони онҳо дар вазъиятҳои гуногун то чӣ андоза мустақил буданд. Тавре ки худи А.М. Щетинина қайд кардааст, ки «Дар кӯдак талабот ба мустақилият вуҷуд дорад, ки онро аз рӯйи дараҷаи фаъолият ва ташаббус, нишон додани таваҷҷуҳ ба ин ё он фаъолият ва хоҳиши машғул шудан ба он, аз рӯйи ноил шудан ба натиҷаи ҳадафи беруна ё дохилии фаъолият муайян кардан мумкин аст» [33,с.65-66].

Фаъолият ва ташаббуси кӯдакон бо истифода аз усулҳои «Харитаи падидаҳои фаъолият» ва «Харитаи падидаҳои ташаббускор»-и Щетинина арзёбӣ карда шуданд. Волидон бо посух додан ба 16 ва 11 савол мутаносибан баҳо доданд, ки фарзандашон то чӣ андоза фаъолият ва ташаббус нишон додааст. Имконоти посух чунин буданд: ҳеҷ гоҳ, баъзан ва аксар вақт.

Рафтори ихтиёрии кӯдакон бо истифода аз усули арзёбии рушди шаклҳои иҷтимоии рафтор (Л.В. Кирс) муайян карда шуд. Дар ин раванд, волидон рафтори фарзанди худро дар миқёси 10-холӣ баҳогузорӣ менамуданд. Сипас, барои ҳар як миқёс холҳои миёна ҳисоб карда шуда, рафторҳои мусбат ва манфӣ алоҳида арзёбӣ гардиданд. Барои муайян кардани сатҳи таъсири мутақобила ва ҳамкорӣ мо аз усули «Ташхиси қобилияти кӯдакон барои муколамаи шарикӣ» (А.М. Шетинина) истифода бурдем. Волидон се ҷанбаи асосии қобилияти фарзанди худро барои муошират бо шарик арзёбӣ карданд. Ҳар яке аз ин ҷузъҳо баҳо гирифта, натиҷаҳо ба ҷадвали махсус ворид карда шуданд, то таҳлил осонтар гардад.

Муайян кардани сатҳи худбаҳодиҳӣ ва муносибати волидон бо истифода аз тести «Нардбон».(В.Г. Шур): Кӯдак дар расми зинапоя (бо «бачаҳои беҳтарин» дар боло ва «бадтарин» дар поён) мавқеи худро ва аъзоёни оиларо муайян мекунад. Мавқеъи кӯдак дар зинапоя худшиносӣ ва муносибати волидонро нишон медиҳад. Кӯдаки дорои худбаҳодиҳии муқаррарӣ итминон дорад, ки волидон ӯро дар зинаҳои баланд ҷойгир мекунанд.

Омӯзиши муносибатҳо ва ҳолати эҳсосӣ бо санҷиши тасвирии «Оилаи ман» (А.И. Баркан): Кӯдак оилаи худро бо қаламҳои оддӣ ва ранга мекашад. Ҳангоми таҳлили иттилооти бадастомада мо, пеш аз ҳама, ба ҷанбаҳои гуногун диққат додем: вокуниши эҳсосӣ, мазмуни тасвир, андоза, ҷойгиршавӣ дар фазо ва мавқеи кӯдак дар расм. Чунин равиши муфассал ба мо имкон дод, ки на танҳо натиҷаро, балки ҳолати дохилии кӯдакро низ беҳтар дарк намоем.

Барои он ки тафсири натиҷаҳо дақиқтар ва муттасилтар бошад, мо шкалаи махсуси баҳодиҳиро таҳия кардем ва ҳамаи маълумотро ба ҷадвали санҷиши «Оилаи ман» ворид намудем. Ин кор, таҳлилро хеле осонтар ва низомноктар гардонд.

Педагог натиҷаи пурсиши мураббия ва падару модарро арзёбӣ карда, холҳои умумии бадастовардаи онҳоро ҷамъбаст намуд. Натиҷаҳои бадастомада дар диаграммаи 1 - ҷамъбастӣ пешниҳод шудаанд.

Диаграммаи 1




Дар маҷмуъ, сифатҳои иҷтимоии аксари кӯдакон дар сатҳи миёна қарор доранд (73% ГО ва 69% ГН). Сатҳи баланди рушд дар 8,2% (ГО) ва 9,7% (ГН), сатҳи паст дар 19,8%-и ҳарду гурӯҳ мушоҳида шуд. Сифатҳои ташаббускорӣ ва ҳамкорӣ дар ҳарду гурӯҳ суст инкишоф ёфтаанд.

Дар таҳлили натиҷаҳои бадастомада муайян гардид, ки аксарияти кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) - 71,5% ва гурӯҳи назоратӣ (ГН) - 67% сатҳи миёнаи рушди иҷтимоӣ доранд. Ин нишон медиҳад, ки аксари кӯдакон малакаҳои иҷтимоиро дар сатҳи кофӣ азхуд кардаанд, аммо барои баланд бардоштани онҳо зарурат вуҷуд дорад.

Хусусан, нишондиҳандаҳои ташаббускорӣ, фаъолият ва мустақилият паст мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки кӯдакон дар муошират бо ҳамсолон, иштирок дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ ва қабули қарорҳои мустақил душворӣ мекашанд. Рушди ин сифатҳо барои мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоӣ муҳим аст.

Чунин ҳолат тақозо дорад, ки малакаҳои иҷтимоии кӯдакон ба таври мақсаднок ва самаранок ташаккул дода шавад. Дар ин кор, инчунин муҳим аст, ки аз имкониятҳои МТТ, оила ва ниҳодҳои иҷтимоиро истифода барем. Мураббия ва падару модар метавонанд дар муҳити мусоид, ки дар он кӯдакон метавонанд малака ва сифатҳои нави иҷтимоиро ба даст оранд ва тарбия кунанд, нақши калидӣ бозанд. Аз ин рӯ, дар доираи ин таҳқиқот, кор бо мураббиёну волидони гурӯҳи озмоишӣ ташкил карда шуд, ки ҳадафи он баланд бардоштани салоҳияти онҳо дар масъалаҳои рушди иҷтимоии кӯдакон буд.

Боби **сеюм «Корҳои озмоишӣ оид ба татбиқи амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ва натиҷабардорӣ аз он» номгузорӣ шудааст.** Дар ин боб натиҷаҳои корҳои озмоишӣ оид ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила ҷамъбаст ва таҳлил карда мешаванд.

Дар доираи боби сеюм дурустии фарзияи таҳқиқот, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада бо ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда мешаванд. Натиҷаҳои пешниҳодшуда робитаи мантиқии байни заминаи

назариявӣ, кори озмоишӣ ва хулосаҳои умумии таҳқиқотро инъикос менамоянд.

**Мақсади асосии боби мазкур муайян намудани самаранокии татбиқи амсилаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, арзёбии тағйироти сифатӣ ва микдорӣ дар сатҳи рушди иҷтимоии онҳо, инчунин натиҷабардорӣ аз корҳои озмоишии гузаронидашуда мебошад.Илова бар ин, мухтаво ва марҳилаҳои кори таҷрибавӣ баён гардида, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ тавсиф шудаанд.**

Дар фасли якуми боби сеюм «Татбиқи амсила ва барномаи кори ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва оила» **раванди татбиқи амалии амсила барномаи кории рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ муфассал тавсиф карда мешавад.**

Татбиқи Барномаи кории таҳияшуда ҳамчун марҳилаи мантиқии идомаи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ баромад намуда, ба санҷиши самаранокии амсила дар муҳити воқеии МТТ ва оила равона гардидааст.

Инчунин, дар ин раванд шароитҳои психологӣ-педагогии муайяншуда татбиқ гардид, ки ҳадафи асосӣ фароҳам овардани муҳити мусоиди иҷтимоӣ барои рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон, таҳкими нақши тарбиявии МТТ ва оила, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳамкории мураббиёну волидон бо кӯдакон мебошад. Дар ҷараёни татбиқ таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳамоҳангсозии таъсири тарбиявии МТТ ва оила ва талаботи иҷтимоӣ, инчунин ба фаъолгардонии мавқеи кӯдак ҳамчун субъекти фаъолият равона карда шуд.

Муҳаққиқ М.Давлатов таъкид месозад , ки натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки манбаъҳои иттилоотӣ ва тағйирот дар шуури падару модар яъне сатҳи салоҳияти онҳо бевосита ба рафтори кӯдакон таъсир мерасонанд. Ба ибораи дигар, вақте мо пайваста ба рушди салоҳияти падару модар таъсир мерасонем, дар асл ба сифатҳои иҷтимоии кӯдак низ, гарчанде ғайримустақим, таъсир мегузорем. Аз ҳамин ҷо мафҳуми «технологияи дастгирии ғайримустақими падару модар» ба миён меояд, ки ба рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона шудааст [29, с.131].

Таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ бо иштироки гуруҳи озмоишӣ - 60 нафар кӯдакони синни калони томактабӣ (гурӯҳи омодагӣ ба мактаб), 6 нафар мураббияҳои тачрибадор, 50 нафар падару модар иштирок намуданд. Минбаъд, бо гурӯҳи озмоишӣ корҳо дар давоми соли хониш, аз моҳи сентябр то май идома ёфтанд.

Барномаи роҳнамоии мураббиёну падару модар ва кӯдакони ГО пеш аз ҳама ба баланд бардоштани салоҳияти мураббиёну падару модар равона шудааст. Барномаи мазкур аз се бахш иборат буда, ба мураббиёну падару модар кӯмак мекунад, ки дар рушди иҷтимоии кӯдакон иштирокчиёни фаъол шаванд ва муҳити дастгирикунандаро фароҳам оваранд:

***Бахши 1.*** *«Волидайн - рисолати бузург».* Чор машғулият барои ҳавасмандгардонии падару модар ба рушди худ, масъулияти тарбия ва фароҳам овардани шароити иҷтимоикунонии фардии кӯдак.

***Бахши 2.*** *«Кӯдак - дар ҷомеа».* Се машғулият барои ташаккули тасаввурот

дар бораи кӯдак ҳамчун шахси беназир, дарки имкониятҳои иҷтимоии МТТ ва оила ва шомилсозии кӯдак ба ҷомеа барои рушди иҷтимоӣ.

***Бахши 3.*** *«Ташкили ҳамкории субъект-субъектӣ дар фаъолиятҳои МТТ ва оила».* Бахши аз ҳама калони фарогири 13 машғулият ва «Фестивали чорабиниҳои ҳамкории МТТ бо оила» ба ташкили муносибатҳои мутахассисони МТТ ва падару модар бо кӯдакон дар фаъолиятҳои МТТ ва оила (маънавӣ-ахлоқӣ, меҳнатӣ, эмотсионалӣ-коммуникатсионӣ, иқтисодӣ фароғатӣ), аз ҷумла, фаъолияти хоҷагидорӣ-маишӣ (хизматрасонии шахсӣ, меҳнати маишӣ, кор дар табиат, ҳунарҳо) равона шудааст, ки сифатҳои иҷтимоии кӯдак дар он инкишоф меёбанд.

Дар ҷараёни баргузории озмоиш шаклҳо ва усулҳои гуногуни кори педагогӣ бо кӯдакон ва волидон истифода гардиданд, аз ҷумла:

- машғулиятҳои муштараки мураббиёну волидон бо кӯдакон;
- суҳбатҳои тарбиявӣ ва машваратҳои педагогӣ бо мураббиёну волидон;
- бозиҳои нақшофарӣ ва вазъиятҳои иҷтимоии моделсозишуда;
- иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ-ахлоқӣ дар муҳити МТТ ва оила;
- ташкили фаъолияти гурӯҳӣ ва инфиродии кӯдакон;
- усулҳои ҳавасмандкунӣ, дастгирии эмотсионалӣ ва таҳкими рафтори иҷтимоии мусбат.

Истифодаи шаклҳо ва усулҳои зикршуда ба рушди малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, худидоракунӣ, масъулиятшиносӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакон мусоидат намуд. Татбиқи Барномаи корӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии кӯдакон, сатҳи рушди иҷтимоии онҳо ва имкониятҳои воқеии муҳити МТТ ва оила амалӣ гардид, ки ин самаранокии онро баланд бардошт. *(Барномаи кории рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила дар рисолаи илмӣ пешниҳод шудааст)*

Натиҷаҳои ибтидоӣ ва ҷараёнии татбиқи амсила ва барномаи корӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи мақсадноки шаклҳо ва усулҳои пешниҳодшуда ба баланд гардидани сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон беҳтар шудани муошҳирати байниҳамдигарӣ ва таҳкими фазои мусоиди равонӣ ва иҷтимоӣ дар МТТ ва оила мусоидат менамояд. Ҳамзамон, фаъол гардидани нақши мураббиёну волидон дар раванди тарбия ва рушди иҷтимоии кӯдакон мушоҳида гардид, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳими самаранокии амсила ва барномаи кории таҳияшуда ба ҳисоб меравад.

**Дар фасли дуюми боби сеюм** таҳлили ҷамъбастии натиҷаҳои корҳои озмоишӣ дар асоси муқоисаи нишондиҳандаҳои ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар марҳилаҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ пешниҳод мегардад. Ин ҷо бояд таъкид кард, ки МТТ ва оила ҳамчун ниҳоди ибтидоии иҷтимоӣ дорои имкониятҳои васеъ барои рушди иҷтимоии кӯдак мебошад. Ҳамкории субъектӣ-субъектии падару модар бо кӯдакон ба ташаккули фаъолнокӣ, мустақилият, ташаббускорӣ, қобилияти ҳамкорӣ ва рушди рӯҳияи мусбии эмотсионалӣ мусоидат менамояд. Баланд гардидани салоҳияти мураббиёну падару модар имкон медиҳад, ки муҳити МТТ ва оила солим, дастгиркунанда ва рушдёбанда фароҳам оварда шавад.

Таҳлил ба муайян намудани динамикаи тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон равона шуда, самаранокии амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва барномаи кории таҳияшударо инъикос менамояд. Натиҷаҳои бадастомада баъд аз коркарди математикӣ ҷамъбаст гардида, дар ҷадвалҳва диаграммаҳо инъикос ёфтаанд.

Таҳлили маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар гурӯҳи озмоишӣ (ГО) чунин тағйироти назарраси сифатӣ ва миқдорӣ дар ташаккули мустақилияти кӯдакон ба қайд гирифта шудааст: Тибқи маълумоти диаграммаи 7 сатҳи пасти ташаккули мустақилият дар кӯдакон аз 25,5% то 6,5% коҳиш ёфта,яъне 19% пастшавиро нишон медиҳад. Ҳамзамон, сатҳи баланди мустақилият аз 10,5% то 51% афзоиш ёфтааст, ки далели рушди устувори ин сифати иҷтимоӣ мебошад.

Дар гурӯҳи назоратӣ (ГН) бошад, тағйироти нишондиҳандаҳо характери ночиз дошта, дар ҳудуди 3–5% боқӣ мондааст. Аз ҷумла, пастшавии сатҳи пасти мустақилият ҳамагӣ 3,5%-ро ташкил дода, сатҳи баланди мустақилият танҳо аз 14,5% то 18,5% (яъне 4%) афзоиш ёфтааст. Ин ҳолат набудани таъсири мақсадноки педагогиро дар раванди рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар гурӯҳи назоратӣ нишон медиҳад.

Муқоисаи натиҷаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки дар гурӯҳи озмоишӣ гузариши кӯдакон аз сатҳи миёна ба сатҳи баланд 23%-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳанда ҳамагӣ 3% афзоиш ёфтааст. Ин тамоюл равшан собит менамояд, ки барномаи таҳияшуда ва амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ дар рушди мустақилият ва дигар сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ГО нисбат ба ГН самаранoктар мебошад.




**Диаграммаи 2.** Натиҷаҳои ташхиси мустақилияти кӯдакони ГО ва ГН (%)

**Сифатҳои фаъолнокии кӯдакон.** Дар марҳилаи назоратии озмоиш дар гурӯҳи озмоишӣ (ГО) коҳиши сатҳи пасти фаъолият 12,9% (фарқият нисбат ба аввала 11%)-ро ташкил дод, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ (ГН) ин нишондиҳанда 19,5% (фарқият 2,4%) буд. Ин ҳолат беҳтар будани натиҷаҳо дар ГО-ро нишон медиҳад.

Афзоиши сатҳи миёна дар ГО 39,6%-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки дигаргуниҳои мусбат дар ГН ҳамагӣ 7,5% буда, нисбат ба ГО 20,1% камтар мебошад. Дар сатҳи баланд дар ГО 47,5%, дар ГН бошад 17,5% кӯдакон ба қайд гирифта шуданд.




**Диаграммаи 3.** Натиҷаҳои ташхиси фаъолнокии кӯдакони ГО ва ГН (%)

**Сифатҳои ташаббускорӣ.** Дар марҳилаи муқарраркунанда дар ГО сатҳи паст 40%, миёна 55%, баланд 5% ва дар ГН мутаносибан 30%, 62,5%, **7,5%** буд. Дар марҳилаи назоратӣ дар ГО сатҳи паст то 5% коҳиш ёфта, сатҳи миёна 60% ва сатҳи баланд то 35% афзоиш ёфт; дар ГН сатҳи паст 25%, миёна 62,5% (бетағйир) ва сатҳи баланд 12,5%-ро ташкил дод. Ҷамъбасти ҳамаи гурӯҳҳо дар ҳар ду марҳила 100% мебошад.




**Диаграммаи 4.** Натиҷаҳои ташхиси салоҳияти ташаббускории кӯдакони ГО ва ГН (%)

**Рушди рафтори ихтиёрӣ.** Дар марҳилаи муқарраркунанда дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи паст 17,5%, миёна 77,5% ва баланд 5%-ро ташкил дод, дар ҳоле ки дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳандаҳо мутаносибан 22,5%, 70% ва 7,5% буданд. Дар марҳилаи назоратӣ дар ГО сатҳи паст то 5% коҳиш ёфта,

сатҳи миёна 75% ва сатҳи баланд то 20% афзоиш ёфт; дар ГН сатҳи паст 17,5%, миёна 72,5% ва сатҳи баланд 10%-ро ташкил дод.




**Диаграммаи 5.** Натиҷаҳои ташхиси рушди рафтори ихтиёрӣ дар кӯдакони ГО ва ГН (%)

**Инкишофи сифатҳои якҷоя амал кардан.** Дар марҳилаи муқарраркунанда дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи паст 32,3%, миёна 60%, баланд 7,7%, ва дар гурӯҳи назоратӣ мутаносибан 28,5%, 65%, 7,5% буд. Дар марҳилаи назоратӣ дар ГО сатҳи паст то 5,5% коҳиш ёфта, сатҳи миёна 62,6% ва сатҳи баланд то 31,9% афзоиш ёфт; дар ГН сатҳи паст 20%, миёна 65% (бетағйир) ва сатҳи баланд 15%-ро ташкил дод.




**Диаграммаи 6.** Натиҷаҳои ташхиси рушди қобилияти якҷоя амал кардан ва ҳамкорӣ дар кӯдакони ГО ва ГН (%)

**Ташаккули худбаҳодиҳӣ.** Дар марҳилаи муқарраркунанда дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи паст 10%, миёна 76,5%, баланд 13,5%, ва дар гурӯҳи назоратӣ мутаносибан 7,5%, 80%, 12,5%-ро ташкил дод. Дар марҳилаи назоратӣ дар ГО сатҳи паст то 0% коҳиш ёфта, сатҳи миёна 25,5% ва сатҳи баланд то 74,5%

афзоиш ёфт; дар ГН сатҳи паст 2,6%, миёна 37,4% ва сатҳи баланд 50,5%-ро ташкил дод.




**Диаграммаи 7.** Натиҷаҳои ташхиси рушди худбаҳодиҳӣ дар кӯдакони ГО ва ГН (%)

**Руҳияи мусбии эмотсионалӣ.** Маълумоти диаграмма нишон медиҳад, ки дар марҳилаи муқарраркунанда нишондиҳандаҳои руҳияи мусбии эмотсионалӣ дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ қариб яксон буданд (ГО: паст – 27,5%, миёна – 42,5%, баланд – 30%; ГН: мутаносибан 20%, 47,5%, 32,5%).

Дар марҳилаи назоратӣ тағйироти назаррас асосан дар гурӯҳи озмоишӣ ба қайд гирифта шуд: сатҳи паст то 2,5% коҳиш ёфта, сатҳи миёна то 12,5% кам шуд ва сатҳи баланд то 85% афзоиш ёфт. Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, нишондиҳандаҳо қариб бетағйир боқӣ монданд (паст – 20%, миёна – 45%, баланд – 35%).




**Диаграммаи 8.** *Натиҷаҳои ташхиси руҳияи мусбии эмотсионалии кӯдакон ГО ва ГН (%)*

Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуданд. Маълумоти таҷрибавӣ собит намуд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ тағйироти назарраси сифатӣ ва миқдорӣ дар:

- сатҳи фаъолият ва ташаббускорӣ;
- мустақилият ва худидоракунӣ;
- худбаҳодиҳӣ ва худшиносии иҷтимоӣ;
- муносибати мусбати эҳсосӣ;
- рафтори ихтиёрӣ;
- қобилияти ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак

ба қайд гирифта шудааст.

Ин тағйирот исбот менамоянд, ки амсилаи таҳияшуда ва шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда самаранок буда, ба рушди иҷтимоии кӯдакон таъсири устувор мерасонанд.

Дар таҳлили натиҷаҳои бадастомада муайян гардид, ки аксарияти кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) – 30,4% сатҳи баланди рушди иҷтимоӣ доранд, ки ин нишондиҳанда дар марҳилаи муқарраркунанда 8,2% ташкил медод. Ин нишон медиҳад, ки аксари кӯдакон малакаҳои иҷтимоиро дар сатҳи зарурӣ аз худ кардаанд.




**Диаграммаи 9.** Натиҷаи ташхиси сифатҳои иҷтимоии кӯдакони гурӯҳи озмоишӣ ва назоратӣ дар озмоиши ташаккулдиҳанда

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки татбиқи амсилаи сохторӣ-муҳтавоӣ ва барномаи кории таҳияшуда ба баланд гардидани сатҳи мустақилият, фаъолиятнокӣ, малакаҳои муошират ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакон, рушди салоҳияти мураббиёну волидон мусоидат намудааст. Дар ин марҳила тағйироти сифатӣ ва миқдорӣ дар сатҳи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон ҷамъбаст ва хулосаҳои илмӣ бароварда шуданд. Тағйироти назаррас дар рушди муошират иҷтимоӣ, фаъолиятҳои муштарак, беҳбудии эмотсионалӣ ва рафтори иҷтимоии кӯдакон мушоҳида гардиданд.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

1. Таҳлили масъалаи рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила моро ба хулосае овард, ки масъалаи мазкур яке аз масъалаҳои мубрам ва афзалиятноки педагогикаи муосир ба шумор меравад. Зеро рушди иҷтимоии кӯдак дар муҳити оила равандест, ки муносибат, фаъолият ва ҳамбастагии кӯдак бо аъзои оила, инчунин таъсири мутақобилаи омилҳои психологӣ, педагогӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифта, заминаи ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол ва мутобиқ ба ҷомеаро фароҳам меорад [1-М; 5-М].

2. Дарки он ки оила дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдак нақши асосиро мебозад, муайянкунанда ва созандаи хусусияти таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ ба шумор рафта, татбиқи самараноки он аз фаъолияти бошууронаи волидон, мураббиён ва худи кӯдак дар муҳити мушаххаси иҷтимоӣ вобастагии зич дорад. Рушди иҷтимоии кӯдакон танҳо дар ҳолате натиҷаи устувор медиҳад, ки равандҳои тарбиявӣ дар МТТ ва оила бо талаботи муассисаҳои таълимӣ ҳамоҳанг гарданд [2-М; 7-М; 8-М].

3. Дар боби якум асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқ ошкор гардида, ақидаҳои педагогӣ ва психологӣ оид ба рушди иҷтимоии кӯдакон таҳлил ва ҷамъбаст карда шуданд. Муайян гардид, ки рушди иҷтимоии кӯдакон аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун:

- раванди азхудкунии меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои рафтори иҷтимоӣ;
- сохтори мураккаби равонӣ, ки муносибати кӯдакро ба атрофиён, фаъолияти муштарак ва худшиносии иҷтимоӣ муайян мекунад;
- омили ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол, масъулиятшинос ва мутобиқшаванда;
- заминаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ таърифу тавсиф ёфтааст. [1-М; 3-М; 6-М].

4. Муайян карда шуд, ки рушди иҷтимоии кӯдакон раванди бисёрҷабҳа буда, аз хусусиятҳои синнусолӣ, муҳити оилавӣ, услуби тарбия, сатҳи муоширати оилавӣ ва фазои ахлоқию равонӣ вобастагии мустақим дорад. Дар асоси таҳлили назариявии адабиёти илмӣ амсилаи сохторӣ-муҳтавоии ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон таҳия карда шуд [2-М; 5-М].

5. Дар боби дуюм шароитҳои психологӣ-педагогии рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар МТТ ва оила муайян ва илмӣ асоснок карда шуданд. Раванди таҳқиқ нишон дод, ки ташаккули самараноки сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар ҳолати фароҳам овардани:

муҳити мусоиди равонӣ ва эмотсионалӣ дар МТТ ва оила;

муоширати самаранок ва дастгирии эҳсосӣ;

иштироки фаъоли волидон дар ҳаёти иҷтимоии кӯдак [4-М; 7-М].

6. Ташкил ва гузаронидани кори озмоишӣ дар марҳилаҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ нишон дод, ки татбиқи мақсадноки ин шароитҳо ба беҳбудии назарраси рушди иҷтимоии кӯдакон мусоидат менамояд. Муайян гардид, ки ҳамкории мунтазам ва бошууронаи волидон бо муассисаҳои таълимӣ нақши калидӣ дар рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакон мебозад.

7. Дар боби сеюм натиҷаҳои корҳои озмоишӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуданд. Маълумоти таҷрибавӣ собит намуд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ тағйироти назарраси сифатӣ ва миқдорӣ дар:

сатҳи фаъолият ва ташаббускорӣ;

мустақилият ва худидоракунӣ;

худбаҳодиҳӣ ва худшиносии иҷтимоӣ;

муносибати мусбати эҳсосӣ;

рафтори ихтиёрӣ;

қобилияти ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак ба қайд гирифта шудааст [2-М; 7-М].

8. Ин тағйирот исбот менамоянд, ки амсилаи таҳияшуда ва шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда самаранок буда, ба рушди иҷтимоии кӯдакон таъсири устувор мерасонанд. Натиҷаҳои бадастомада дурустии фарзияи пешбаришударо тасдиқ намуда, нишон медиҳанд, ки истифодаи равишҳои муосир дар ҳамкорӣ бо волидон метавонад самаранокии тарбияи иҷтимоии кӯдаконро ба таври назаррас баланд бардорад [2-М].

9. Дар ҷамъбасти фаъолияти таҳқиқотӣ метавон хулоса намуд, ки рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар МТТ ва оила раванди мақсаднок, илмӣ асоснок ва амалан самаранок мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим буда, метавонанд:

- дар таҷрибаи тарбияи оилавӣ;
- дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ;
- дар баланд бардоштани салоҳияти педагогии волидон ва мураббиён;
- дар таҳияи барномаҳо ва дастурҳои методӣ ба таври васеъ истифода шаванд [8-М].

10.Ҳамин тавр, натиҷаҳои бадастомада собит менамоянд, ки рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити МТТ ва оила танҳо дар ҳолате самаранок амалӣ мегардад, ки ҳамкории устувор ва бошууронаи ҳамаи субъектҳои раванди тарбия таъмин гардида, арзишҳои иҷтимоӣ ба мазмун ва муҳтавои ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдак ворид карда шаванд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Мушкилоти рушди иҷтимоии кӯдакон дар муҳити оилавӣ ҳамчун масъалаи афзалиятнок баррасӣ карда шавад. Тарбияи муташаккилона ва мақсаднок дар оилае, ки муҳити гарм, муносибатҳои эътимоднок ва дастгирии эҳсосӣ фароҳам оварда шудааст, бояд вазифаи асосии волидон дониста шавад.

2. Волидон вазифадор гарданд, ки аз давраи синни калони томактабӣ ба рушди иҷтимоии кӯдакон диққати ҷиддӣ диҳанд ва онҳоро ба таҳсилоти ибтидоӣ омода намоянд. Барои ин, бояд маводи таълимӣ, бозию тарбиявӣ ва шароити мусоиди рушди иҷтимоӣ дар хона фароҳам оварда шавад.

3. Муайян гардид, ки аксари волидон асосан аз усулҳои анъанавии тарбия истифода мебаранд ва дар татбиқи усулҳои муосир ва инноватсионӣ мушкилӣ мекашанд. Аз ин рӯ, волидон бояд бо усулҳои нави педагогӣ ва психологӣ бештар шинос карда шаванд.

4. Волидон бояд пайваста сатҳи дониш ва малакаҳои худро оид ба тарбияи иҷтимоии кӯдакон такмил диҳанд. Иштирок дар машваратҳо,

семинарҳо ва барномаҳои омӯзишӣ метавонад самаранокии тарбияи оилавиро ба таври назаррас баланд бардорад.

5. Тавассути ҷалби фаъолонаи волидон ба ҳаёти иҷтимоии кӯдакон, имконият фароҳам меояд, ки кӯдакон сифатҳои иҷтимоии худро инкишоф дода, ҳамчун шахсиятҳои масъулиятшинос, мустақил ва фаъол ташаккул ёбанд.

6. Муассисаҳои таълимӣ вазифадор карда шаванд, ки на танҳо кӯдаконро дар раванди рушди иҷтимоии онҳо дастгирӣ намоянд, балки волидонро низ ҳамчун шарикони фаъоли тарбия ба ин раванд ҷалб созанд.

7. Дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоӣ ҳамкории доимӣ ва мақсадноки мураббиён бо волидон ба роҳ монда шавад, то ки талаботи оила ва муассисаи таълимӣ дар рушди иҷтимоии кӯдак ҳамоҳанг гарданд.

8. Мураббиён ва тарбиятгарон бояд ҳангоми кор бо кӯдакон хусусиятҳои инфиродӣ, сатҳи рушди иҷтимоӣ ва шароити оилавии онҳоро ба назар гиранд, то ки равиши тарбиявӣ бештар самаранок бошад.

9. Натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳои тарбиявӣ, дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои волидон ва мураббиён истифода карда шаванд.

10.Амсилаи таҳияшудаи ташаккули сифатҳои иҷтимоии кӯдакон дар шароити МТТ ва оила метавонад ҳамчун заминаи методӣ барои такмили таҷрибаи тарбияи оилавӣ ва гузаронидани таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ мавриди истифода қарор гирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД

### I .Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М] Иматзода, Л.М., Бегова, Ф.И. Сохтор ва вазифаҳои фазои тарбиявии оила, ки барои тарбияи фарзанд заруранд [Матн] /Л.М. Иматзода, Ф.И. Бегова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2023. №3 (43). - С.122-128. ISSN 2617-5320.

[2-М] Бегова, Ф.И. Хусусиятҳои раванди рушди сифатҳои иҷтимоӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Ф.И. Бегова // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. 2023. №4-1 (18). - С.50-54. ISSN 2708-5759.

[3-М] Бегова, Ф.И. Асосҳои педагогии рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол дар оила [Матн] / Ф.И. Бегова // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2023. №4 (49). - С.109-113. ISSN 2222-9809.

[4-М] Давлатзода Ф.И. Ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ ҳамчун омили муваффақияти шахсӣ дар оянда / Ф.И. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. 2024. №11. – С.248-253. ISSN 2074- 1847.

[5-М] Давлатзода, Ф. И. Зоидова О.А. Рушди сифатҳои иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ ва оила [Матн] / Ф.И.Давлатзода, О.А.Зоидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2024. №12 (1). - С.213-221. ISSN 2074-1847.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ ва амалӣ нашр гардиданд:**

[6-М] Бегова, Ф.И., Давлатшоева Р. Ташаккул ва рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол дар оила [Матн] /Ф.И.Бегова, Р.Давлатшоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолияти навоварона». Душанбе. 2024. - С.76-81.

[7-М]. Бегова, Ф.И., Муродова Ш.С. Масъалаҳои психологӣ-педагогии рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони хурдсол дар оила [Матн] / Ф.И.Бегова, Ш.С. Муродова // Маводи конференсияи байналмииалии илмӣ-назариявӣ: Бахшида ба мавзуи «Рушди забони ишора ва таҳсилоти фарогир, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он дар ҷаҳони муосир» Душанбе. 2024. - С.455-464.

[8-М] Бегова, Ф.И. Бозичаҳои миллӣ ва аҳаммияти он дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ [Матн] / Ф.И.Бегова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Омодасозии мутахассисони педагогии фаъолияти навоварона». Душанбе. 2024. - С.110-113.

[9-М] Бегова, Ф.И. Аҳамияти тарбияи кӯдакони синни томактабӣ дар иҷтимоисозии онҳо бо истифодаи бозичаҳои миллӣ [Матн] / Ф.И.Бегова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Проблемаҳои муосири тахсилоти математики, информатика ва физикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ», бахшида ба 20-солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ва 75-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Мансур Нугмонов. Душанбе. 2024. – С.296-298.

[10-М] Бегова, Ф.И. Рушди сифатҳои ахлоқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ ҳамчун омили муваффақияти шахсӣ дар оянда [Матн] / Ф.И.Бегова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методолгии омодагии касбии методии омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути технологияи муосир» бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Соли 2024 соли Маърифати ҳуқуқӣ». Душанбе. 2024. – С.41-47.

[11-М] Иматзода Л.М., Давлатзода, Ф.И. Рушди иҷтимоии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити оилавӣ ҳамчун асосҳо ва ҷанбаҳои педагогӣ [Матн] / Л.М.Иматзода, Ф.И.Давлатзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайти профессорону мураббиён дар партави суханронии Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъулияти

омӯзгор дар замони истиқлол». Душанбе. 2024. – С.25-30.

[12-М] Давлатзода, Ф.И. Мубоҳиса ҳамчун усули муҳими фаъолгардонии хонандагон дар раванди омӯзиш [Матн] / Ф.И.Давлатзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии ҳайти профессорону мураббиён дар партави суханронии Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Рӯзи дониш» таҳти унвони «Нақш ва масъулияти омӯзгор дар замони истиқлол». Душанбе. 2024. – С.308-310.

**ТАДЖИКИСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ**

*На правах рукописи*

**УДК 371(575.3)**
**ББК 74.204(2 тоҷик)**
**Д-14**



**ДАВЛАТЗОДА ФАРЗОНА ИБРОХИМ**

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ ДЕТЕЙ СТАРШЕГО ДОШКОЛЬНОГО ВОЗРАСТА В ДОШКОЛЬНОМ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ УЧРЕЖДЕНИИ И СЕМЬИ

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание учёной степени кандидата педагогических наук по специальности 5.3.2. Теория, методика обучения и дошкольного воспитания (дошкольная педагогика)**

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертация выполнена на кафедре общеуниверситетской педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

**Научный руководитель:** **Иматзода Лутфия Махмадулло -** доктор педагогических наук, заведующая отделом педагогики, психологии и методики обучения Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана

**Официальные оппоненты:** **Сабури Хайрулло Мирзозода** – доктор педагогических наук, профессори кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ “Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова”

**Давлатбекзода Вайсиддин Давлатбек -** доктор философии (PhD), заместитель декана по науке и инновации Государственного образовательного учреждения «Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава»

**Ведущая организация:** **ГОУ «Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки»**

Защита диссертации состоится «29» октября 2026 года, в 15:00 часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-030 при Институте развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (734024, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2, e-mail: sharifa.kotibova@mail.ru; тел.: 55 999 31 20)

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на сайте Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана (http://www.prmatt.tj)

Автореферат разослан «25» сентября 2026 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**к.п.н., доцент** **Ш.П.Котибова**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы (предмета) исследования.** Социальная адаптация человека — то есть способность успешно приспосабливаться к новым социальным условиям — неразрывно связана с постоянными изменениями, происходящими в обществе. Понимание общественных процессов, а также поддержка этих процессов и активное участие в них являются важнейшей задачей воспитания и неотъемлемой частью личностного развития. При определении новых целей воспитательного процесса необходимо учитывать ту первостепенную роль, которую играет семейная среда в формировании личности.

Целью сотрудничества дошкольного образовательного учреждения и семьи является создание условий для социализации, учитывающих индивидуальные особенности ребенка. Совместными усилиями учреждение и семья обеспечивают необходимую среду для социального развития. В своих выступлениях Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, отмечал следующее: «При реализации требований социокультурной политики государства Таджикистан три ключевых фактора — общество, школа и семья — должны действовать в тесном взаимодействии, чтобы воспитать подрастающее поколение страны в духе патриотизма, национального самосознания и толерантности» [4, с. 15].

Период детства, в возрасте от трёх до одиннадцати лет, в научной литературе определяется как важнейший этап формировани личности и усвоения первичных форм социального поведения. В Стратегии развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года закреплено, что «дошкольное образование направлено на предоставление услуг по развитию детей и рассматривается Правительством Республики Таджикистан как одно из приоритетных направлений в сфере образования» [5, с. 17].

Следует отметить, что именно в раннем возраста ребенок постепенно усвивает социальное нормы поведения, учиться предвидеть последствия своих поступков, а также понимать эмоциональное состояние окружающих людей. Данное освоение осуществляется в процессе взаимодействие с ближайщими людьми, прежде всего в семье, также учрждениях дошкольного образования. Эти социальные институты играют важную воспитательную роль, необходимыми для поведения в обществе, при этом формируя у него начальные навыки социальной компетентности. В этой связи академик Ф. Шарифзода отмечает: «Социально-педагогические ценности отражают сущность и содержание ценностей, функционирующих в различных социальных системах и проявляющихся в общественном сознании в формах морали, религии и философии. Это идеи, понятия и правила, которые систематизируют образовательную деятельность и социальное взаимодействие в рамках общества» [32, с. 243].

Исследования Л.С. Выготского и других представителей психологической науки подтверждают, что «именно в этот временной промежуток формируются фундаментальные предпосылки личностного и социального развития ребёнка, а также основы его дальнейшей способности к сотрудничеству, саморегуляции и конструктивному взаимодействию» [6, с. 243].

Как уже отмечалось, первичная социализация — фундаментальный процесс усвоения социальных норм в детстве — начинается в семье и дошкольных учреждениях и продолжается в последних. Семья и образовательные учреждения несут главную ответственность за воспитание подрастающего поколения, поскольку именно они прививают ценности, а также передают знания и навыки, необходимые для успешной жизни в обществе. Ученые отмечают, что дети дошкольного возраста способны легко переключать внимание с одного объекта на другой, что позволяет им познавать окружающий мир. Это осознание формируется в процессе приобретения социального опыта и развития социальных отношений, а также благодаря разнообразным действиям и усвоенным моделям поведения.

На основании вышеизложенного можно отметить, что успешное социальное развитие ребенка происходит благодаря эффективному взаимодействию семьи и дошкольного образовательного учреждения. Анализ рассматриваемой проблемы показал, что многие родители не готовы к этому процессу; как следствие, развитие детей протекает без целенаправленного формирования необходимых социальных качеств. Отмеченные обстоятельства подчеркивают актуальность темы нашего диссертационного исследования.

**Степень разработанности темы исследования.**

В настоящее время в процессе рассмотрения проблемы социального развития детей дошкольного возраста и младших школьников выделяются следующие педагогические факторы, широко используемые в современной педагогике:

- теория социализации;
- социальное развитие как совокупность непрерывной социализации;
- индивидуализация и культурообразование как важнейшие компоненты социального развития детей дошкольного и младшего школьного возраста.

В «Государственной программе развития дошкольного образования в Республике Таджикистан на 2020–2025 годы» [2] особое внимание уделяется социализации и индивидуализации ребенка, что обеспечивает его всестороннее развитие. Это меняет подход специалистов к вопросу социального развития ребенка, способствуя сотрудничеству дошкольных учреждений и семьи в процессах воспитания и социального становления. Ученые подчеркивают важность воспитания как в условиях дошкольного учреждения, так и в семье. Зарубежные ученые Л.С.Выготский [6], Т.Н. Доронова [8], Е.С.Евдокимова [9], Л.В.Коломийченко[14], А.В. Петровский [28], А.Н.Щетинина [33], Л.А.Метлякова [24] и отечественные ученые М.Лутфуллозода [18], Ф.Шарифзода [32], Х.Раҷимзода [29], С.Негматов, Б.Маҷидова [19;21], Н.М.Юнусова, Ф.Гулмадов, М.Иззатова [11], Л.М.Иматзода [10;22], М.Обидова рассматривают дошкольное учреждение и семью как ключевые факторы социализации ребенка в раннем возрасте, отмечая их решающую роль в формировании личности и базовых социальных навыков.

Отечественные ученые и исследователи — М.Лутфуллозода [17], Х.Зиёи [25], Г.Бобизода [25], М.Каримзода, К.Мухтори, С.Туронов [12], Ш.Исрофилниё, А.Байзоев [25] опубликовали научные статьи и методические пособия, посвященные развитию компетенций у детей и учащихся. Также, молодые

исследователи, такие как В. Давлатбекзода, М. Сафаров, Р. Азиззода, Х. Нарзуллоев, Р. Неъматов и другие защитили свои диссертации.

Социальное развитие детей в ДОУ и семье достаточно подробно исследовано известными учеными О. Ф. Борисова, И. А. Дядюнова, Л. В. Коломийченко [14]. Диагностика развития социальных качеств детей дошкольного возраста исследовались учеными А.Н.Щетинина [33], А.В.Минина, Л. А. Метлякова [24].

В то же время глубокое исследование проблемы социального развития учащихся начальных классов в условиях семьи с точки зрения самостоятельности семейных коллективов до настоящего времени остается недостаточно разработанным.

Анализ психолого-педагогической литературы и практики работы педагогов в дошкольных и школьных образовательных учреждениях позволил выявить ряд противоречий:

1. **Социально-педагогический уровень:** государственный требованиями общества на обеспечение социального развития детей и недостаточная компетентность педагогов и родителей, которым не хватает необходимых знаний по этим актуальным вопросам;

2. **Научно-теоретический уровень:** между высокой степенью изученности аспектов соуиального развития и детей в психолого-педагогической науке и недостаточностью теоретических моделей, также научно обоснованных программ для социального развития детей старшего дошкольного возраста в условиях ДОУ и семьи.

3. Н**аучно-практический уровень:** между необходимостью эффективного формирования социальных качеств у детей в условиях ДОУ и семьи, и недостаточной разработанностью практических методик, педагогических технологий, диагностик, для регулярного использования педагогами и родителями.

Рассмотренные противоречия позволили более точно определить проблему исследования и наметить эффективные пути формирования необходимых социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста и младших школьников.

Недостаточная разработанность обозначенной проблемы обусловила выбор темы исследования: «Педагогические условия развития социальных качеств детей старшего дошкольного возраста в дошкольном образовательном учреждении и семье».

**Связь исследования с программами (проектами) и научными темами.**

Диссертационное исследование выполнено в рамках реализации перспективного плана научно-исследовательских работ на кафедре общеуниверситетской педагогики Таджикского государственного педагогического университетеа имени Садриддина Айни на 2018–2023 годы по теме «Современные пути и методы социализации подрастающего поколения в процессе учебно-воспитательной деятельности», а также в соответствии с основными положениями Национальной стратегии развития образования Республики Таджикистан до 2030 года и Государственной программы развития дошкольного образования в Республике Таджикистан на 2020–2025 годы.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

В диссертационном исслдеовании рассматривается вопрос развития социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста в семье. Основной целью данного исследования является определение педагогических условий формирования социальных компетенций детей в ДОУ и семейной среде, разработка и обоснование программы и модели, направленных на формирование социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста. Изучение психологических и педагогических условий для эффективной реализации рабочей программы и разработанной модели развития социальных качеств у детей в ДОУ и семье.

**Цель исследования** - теоретически обосновать проблему исследования, разработать и обеспечить педагогические условия для эффективной реализации рабочей программы и структурно-содержательный модель, направленные развития социальных качеств детей старшего дошкольного возраста во взаимодействии ДОУ и семьи.

**Задачи исследования.** Для достижения поставленной цели необходимо решить следующие задачи:

- провести теоретико-методологический анализ психолого-педагогический литературы по проблеме развития социальных качеств детей старшего дошкольного возраста в сотрудничестве ДОУ и семьи;

- определить и теоретически обосновать комплекс психолого-педагогических условий, обеспечивающих эффективность реализации модели «Развитие социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста в ДОУ и семьи, а также рабочей программы «Я, мы и другие» на основе применения педагогических технологий.

- Разработать и содержательно обосновать программу педагогического сопровождения воспитателей и родителей, направленную на развитие их педагогической компетентности и укрепеление взамидействия ДОУ и семьи вцелях формирования социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста.

- разработать и обосновать критерии и эксперименально проверить эффективность разработанной структурно-содержательной модели, программы и выявленных педагогических условий.

**Объект исследования** – процесс развития социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста во взаимодействии ДОУ и семьи.

**Предмет исследования** – педагогические условия развития социальных качеств детей старшего дошкольного возраста во взаимодействии ДОУ и семьи, обеспечивающие эффективную реализацию структурно-содержательной модели и рабочей программы «Развитие социальных качеств детей старшего дошкольного возраста в ДОУ и семьи».

**Гипотеза исследования.** Эффективное формирование социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста во взаимдействии ДОУ и семьи будут обеспечиваться, если:

- процесс формирования социальных качеств у детей старшего дошкольного возраста будет осуществляться на основе теоретически обоснованных психолого-педагогических подходов, которые учитывают возрастные особенности детей и возможности взаимодействия ДОУ и семьи;

